**Дараҷаи таҳқиқи мушкилот.** Таҳлили таҳқиқоти олимони педагог ва муҳаққиқони тоҷик вобаста ба кори диссертатсионии мо нишон дод, ки дар мавзуи ташаккули таҷрибаи иҷтимоии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ коркардҳои илмӣ амалан вуҷуд надоранд ва ҳатто ягон мақолаи илмӣ ё илмӣ-методӣ нашр нашудааст.

Дар раванди таҳлили адабиѐти ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахлдор муайян гардид, ки мушкилоти аз ҷониби мо муайяншуда хусусияти байнифаннӣ дорад. Масъалаҳои моҳияти таҷрибаи иҷтимоиро дар асарҳои худ Т.П. Малкова, А.Я. Флиер, В.Е. Кемеров, И.С. Кон, С.Э. Крапивенский ва ғайра мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Ақидаҳои ташаккулѐбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагон дар асарҳои илмии П.П. Блонский, А.С. Макаренко, П.Ф. Каптерева инъикос гардидааст. Муҳимияти махсусро асарҳои олимони муосир Н. Н. Осокина, Ю.С. Анайкина, Т.Ю. Утямишова, М. Р. Даурова, Ю.А. Рижикова, И. А. Неясова, Е. П. Шигаева ва дигарон ташкил менамояд.

Механизми психологӣ ва педагогии барои ташаккули таҷрибаи иҷтимоии хонандагони муассисиаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ зарурир олимони педагог А. В. Мудрик, Н.Ф. Голованова, Н. Е. Шуркова, В.В. Краевский ва олимони психолог Л.И. Божович, Л. С. Выготский, К.А. Абулханова- Славская, Т.В. Драгунова, Н.Е. Шуркова, А.С. Белкин ва дигарон таҳқиқ намудаанд.

Хусусиятҳои синну солии хонандагони муассисаҳаи таҳсилоти миѐнаи умумиро, ки ба ташаккули таҷрибаи иҷтимоӣ таъсир мерасонанд, олимон К.Н. Поливанова, Д.Б.Элконин, т.В. Драгунова, Д.И. Фелдштейн, Л. Кагермазова, А.Н. Буторина, И.Г. Маркушина, Т.М. Чурикова, Т.С.Сукерман ва дигарон омӯхтаанд.

Қабл аз шурӯъи таҳқиқот мо асарҳои илмие, ки ба дарсҳои фанни биология таалluқ дорад ва инчунин корҳои бенуназсинфии ба ин фан алоқаманданд, таҳқиқотчиѐни зерин: В.А. Сластин, И.А. Каиров, Е.Н. Шиянов, В.В. Кутев, А.И. Мишенко ва дигаронро омӯхтем. Методҳои инноватсиноии таълими фанни биология ва корҳои бенуназсинфии самти мазкур дар мақолаҳои Д.В. Григорев, П.В. Степанов, Т.С. Пчелинтсова. Е.Б. Евладова Н.С. Столяров, Г. К. Селевко мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Айни ҳол муҳаққиқон барои ҳалли мушкилоти ихтилоф ва барои ошкори маҳфуми ҳастӣ ва ҳатмӣ фаъолона фаъолият доранд. Аммо бояд тазаккур дод, ки мазмуни дарсҳои биология ва корҳои беруназсинфӣ барои ташаккулѐбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври зарурӣ ошкор нашудааст.

То ҳол усулҳои мусоидаткунада барои ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагон, барои машғулиятҳои таълими фанни биология дар раванди таҳсил, барои корҳои беруназсинфӣ мавҷуд нест.

Мо масъалаҳои назариявии вобаста ба ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии наврасон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумро дар раванди дарсҳои биология ва корҳои беруназсинфии дар самтро таҳлил намуда, ҳолати душвореро, ки чунин ихтилофро инъикос менамояд, ошкор намудем:

1. Байни талаботи ҷамъиятӣ оид ба ташаккулёбии шахсияти хонандагони муосир дорои сатҳи баланди ташаккулёфтаи таҷрибаи иҷтимоӣ мувофиқ ба ҳамин гуруҳи синнусолӣ, нокифоягии дониши педагогӣ оид ба усулҳои ташаккулёбии хонандагон, дарсҳои таълими фанни биология ва корҳои беруназсинфӣ, таҷрибаи иҷтимоӣ.

2. Байни муҳимияти ҳақиқии истифодаи дарсҳои биология ва корҳои беруназсинфӣ дар ин самт барои ташаккулѐбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагони синфҳои 5-6 ва мавҷуд набудани усули ташаккулѐбии чунин таҷрибаи аз ҷиҳати назариявӣ асоснокѐфта ва дар амал татбиқшуда.

3. Байни талаботҳои педагогӣ оид ба таъминоти методии раванди таълимӣ ва тарбиявии ташаккулѐбии таҷрибаи иҷтимоии наврасон дар ҷараѐни таълими фанни биология ва корҳои беруназсинфӣ ва таҳия нашудани шароитҳои педагогӣ барои татбиқи амалии ҳадафҳои гузошташуда муҳиманд.

Мушкилоти ошкоршуда ва муҳиммияти он имкон дод, ки ба мавзуи «Шароити ташкилӣ-педагогии ташаккули таҷрибаи иҷтимоии хонандагон дар раванди таълим ва машғулиятҳои беруназсинфӣ аз фанни биология» таваҷҷуҳ зоҳир кунем.

**Проблемаи таҳқиқот:** рушди заминаи назариявӣ ва шароитҳои муносиб барои ташаккули таҷрибаи иҷтимоии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ дар раванди таълим ва корҳои беруназсинфӣ аз фанни биология, муайян намудани щароитҳои педагогӣ барои мусоидат намудан ба ин раванд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ѐ мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии шуъбаи технологияҳои инноватсионии таълим ва гузариш ба таҳсилоти 12-солаи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 дар мавзуи «Омӯзиши масъалаҳои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, ташкили фаъолияти инноватсионӣ дар таълим, дарѐфт ва паҳн кардани таҷрибаи пешқадами педагогӣ» ва мусоидат ба амалишавии чорабинищои Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои табиӣ, дақиқи ва риѐзӣ барои давраи то соли 2030 иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот:** нишон додани заминаҳои назаривии ташаккули таҷрибаи иҷтимоии хонандагони синфҳои 5-6 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди дарсҳо ва корҳои беруназсинфӣ аз фанни

биология бо истифода аз амсилаи махсуси бо ин мақсад эҷодшуда ва шароитҳои педагогии аз ҷониби муаллиф коркардшуда, ки барои татбиқи самараноки ҳадафҳои гузоштаshуда имкон медиҳанд.

**Вазифахои тахкикот:** Хадафҳои таҳқиқот ва фарзияи тащияшударо ба инобат гирифта вазифаҳои зернин муайян гардиданд, ки дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳал кардан зарур аст:

1. Дар мафҳуми « таҷрибаи иҷтимоӣ» моҳият, сохтор, инчунин маҷмуи меъёрҳоро, ки барои муайян намудани сатҳи инкишофи таҷрибаи иҷтимоии хонандагон гурӯҳи синнусолии таҳқиқшавандаи барои омӯзиши фанни биология ва корҳои беруназсинфии самти мазкурро муайян намудан лозим аст.

2. Муайян кардани имконоти раванди ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии дар раванди таълими фанни биология ва корҳои беруназсинфӣ вобаста ба фанни мазкур.

3. Таҳияи моделе, ки барои самаранок ташаккул додани таҷрибаи иҷтимоии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди омӯзиши фанни биология ва дар кори беруназсинфӣ мусоидаткунада бошад.

4. Дар раванди ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагони синфҳои 5-6 шароитҳои педагогии пешниҳоднамудаи муҳаққиқи кори таҳқиқотӣ истифода гардад.

**Объекти таҳқиқот:** Раванди ташаккули таҷрибаи иҷтимоии хонандагон дар дарсҳо ва ва корҳои беруназсинфӣ аз фанни биология.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот:** шароитиҳои ташкилӣ-педагогии ташаккули таҷрибаи иҷтимоии хонандагон дар ҷараѐни дарсҳо ва корҳои беруназсинфӣ аз фанни биология.

**Фарзияҳои таҳқиқот:** Мо ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонадагони фарогир ба дарсҳои биология ва корҳои беруназдарсӣ дар самти мазкур тахмин намуда, бо риояи шартҳои зерин босифат ва натиҷанок мегардад:

- дар ташкили корҳо барои ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагони синфҳои 5-6 дар раванди таълими фанни биология ва корҳои беруназсинфӣ вобаста ба ин фан хусусиятҳои синнусолӣ ба эътибор гирифтан зарур аст;

- дар ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоӣ дар раванди таълими фанни биология ва корҳои беруназсинфӣ шароитҳои педагогии барои баланд бардоштани самаранокии раванди мазкур истифода шаванд. Ба шароитҳои зерин мо муталлиқ меҳисобем:

а) ташкили ҳамкории педагогӣ байни муаллим ва хонанда тибқи принсипҳои фасилитатсия (маҷмӯи восита ва амалияҳое, ки имкон медиҳанд, ки муҳокимаи гурӯҳӣ самаранок ташкил карда шаванд) дар ташкили фаъолияти таълимиву тарбиявӣ дар дарсҳои биология. Мақсади аз ин ҳамкорӣ азхуд кардани арзишҳое, ки барои идора кардани иртиботи мухталиф дар муоширaт ба одамони дигар ёрӣ мерасонад;

б) ташкили корҳои таълимиву тарбиявӣ дар дарсҳои фанни биология ва фаъолияти беруназсинфӣ бо тамоюли иҷтимоӣ, тавассути ба раванди мазкур дохил кардани барномаи « Бо ҳам –беҳтар!»;

в) инкишофи муносибати хонандагоне, ки ба омӯзиши фанни биология машғуланд ба шахсияти худ ҳамчун субъекти муҳими фаъолияти беруназсинфӣ.

**Марҳилаҳои таҳқиқот:** Таҳқиқот дар се марҳила гузаронида шуд:

1. *Дар солҳои 2019-2020* **марҳилаи проблемавӣ-таҳлилӣ** татбиқ гардид, ки дар ҷараёни он адабиёти вобаста ба мавзуи таҳқиқот омӯхта шуд, маълумотҳо таҳлил ва хулосабарорӣ гардиданд, ҳадафҳои таҳқиқот муайян карда шуд, вазифаи озмоиш гузошта шуд, фарзияҳои корӣ пешниҳод шуда, барномаҳои корҳои илмӣ таҳия карда шуд.

2. *Дар солҳои 2020-2022* нақшаи **лоиҳавӣ-озмоишӣ** иҷро карда шуд. Дар ин марҳила маълумотҳои эмперикӣ ҷамъоварӣ гардида, корҳои озмоишӣ гузаронида шуд.

3. *Солҳои 2022-2023* - **дарваи ҷамъбастӣ**, ки дар ин рафти он натиҷаи озмоишҳо мураттаб ва коркард гардида, хулосаҳо бароварда шуданд ва рисолаи илмӣ бастабандӣ гардид.

**Асосҳои методологии таҳқиқот:** Заминаҳои методии таҳқиқоти мо аз консепсияи муносибати системавӣ (М.А.Данилов, В. Г. Афанасев, Ф. Ф. Королев), фаъолиятнокӣ (С.Л. Рубинштейн, Л.С. Веготский, А.Н. Леонтев), муҳитӣ ( Л.И. Новиков, В.А. Ясвин, Ю.С. Мануйлов) иборат аст.

Асоси таҳқиқоти моро принсипҳои ҳавасмандкунӣ, муносибати инфиродӣ, рушди худбаҳодиҳӣ, инчунин. хусусиятҳои синнусолии наврасони гурӯҳи синнусолии таҳқикшаванда ташкил мекунад.

**Асоси назариявии таҳқиқот:**

- дастурамалҳое, ки методологияи озмоишҳои педагогӣ, моделикунонӣ ва таҳқиқотҳои (А.М. Новиков, Е.В. Бережнова, В.В. Краевский ва дигарон) дар бар гирифтаанд;

- дастурамалҳое, ки ба назарияи фаъолияти танзимкунадаи инкишофи шахсро , ҳамчун шахсия ( А.Г. Асмолов, С. Л. Рубинштейн, Л.С. Виготский, К.А. Абдулханова-Славская) вобаста аст;

- андешаҳои инсондустие, ки барои муайянкунии имкониятҳои ботинии шахс, ҳавасмандӣ ба худнишондиҳӣ ( К.Р. Роҷерс, А. Маслуо) таъсиррасонанд.

- назарияи иҷтимоишавӣ (А.Г. Харчаев, Г. М. Андереева, Е.Н. Шиянов, А.В. Мудрик);

- консепсияҳои низоми тарбиявӣ, назарияи тарбияи иҷтимоӣ ( В.А. Сластёнин, А.В. Мудрик, Л.Б, Байбородова, В.Д. Семёнов ва дигарон).

- таҳқиқоти педагогон ва психологон дар мавзуи хусусиятҳои синнусолии наврасон ( Д.Б. Элконин, Л.И. Божович ва дигарон);

- андешаҳои истифодаи таҷрибаи иҷтимоӣ дар мавриди ҳамкорӣ бо ҷомеа, мактаб ва шахсияти хонанда ( П.П. Блонский, С.Т. Шатский, А.С. Макаренко;

- асосҳои ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагони синусоли миёнаи наврасӣ дар шаклҳои мухталифи шароитҳои таълимӣ (А.В. Мудрик, Н.Ф. Голованова, А.Ф. Флиер);

- корҳои илмии вобаста ба масъалаи ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ( Ю. С. Анайкина, Е.В. Харитонова, Ю.А. Рижикова, М. Р. Даурова Е.П. Шигаева ва дигарон);

- таҳқиқоти воситаҳои ташкили дарсҳои биология ва корҳои беруназсинфӣ вобаста ба фанни мазкур ( Д.В. Григорев, Г. К. Селевко, Т.С. Пчелинтсева, А.В. Золоторева ва дигарон);

-шаклҳои ташкилии таҳсилоти иловагӣ ( Е.Г. Шаронова, О. Е. Лебедева, В.П. Голованов, О.В. Шишкина, Г.В. Буковская ва дигарон);

-назарияи фаъолияти фасилитатсия, ки барои инкишофи хонандагон муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. ҳамчун шахс истифода мешавад ( Н.А. Соколова, Е.Г. Врублевская, Р.С. Димухаметов ва дигарон);

-назарияе, ки шахсиятро ҳамчун субъект тасвир менамояд (П.Я. Галперин, С. Л. Рубенштейн, В.А. Петровский).

**Сарчашмаҳои маълумот:** Осори фалсафию таърихӣ ва психологию педагогӣ, санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти касбию педагогӣ дар соҳаи маориф; монографияҳо, мақолаҳо ва диссертатсияҳои муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ, маводи шабакаи Интернет, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", “Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти баъдидипломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то солҳои 2030, Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ, ҳуҷҷатҳои инъикоскунандаи талабот ва тағйирот дар амалияи таълиму тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорон ва ғ.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро ҳамкории бевоситаи амалии муҳаққиқ бо объекти таҳқиқшаванда: баҳодиҳии равишҳои назариявии илмии дар осори педагогӣ зикршуда, баҳодиҳии стандартҳои таълим, ташаккули сохтори кор, иҷрои вазифаҳои мушоҳидавӣ ва фаъолияти озмоишӣ, тавсифи натиҷаҳои бадастомада, ба низом даровардани онҳо дар асоси усулҳои назариявӣ - муқоиса, умумӣ, таҳлил, синтез ва усулҳои эмпирикӣ - омӯзиши санадҳои меъѐрӣ, қонунҳо, суҳбатҳо, санҷиш, таҳлили натиҷаҳои озмоиш, мушоҳида, пурсиш, худбаҳодиҳӣ ва амсиласозӣ ташкил медиҳанд. Илова бар ин, мо меъёри Пирсонро низ ҳамчун усули коркарди омории маълумоти дар давоми озмоиш бадастомада истифода бурдем.

**Пойгоҳи таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот.** Корҳои таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот дар пояи муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумии №65-и шаҳри Душанбе ва 7-и ноҳияи Файзобод анҷом дода шудаанд. Дар таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ 8 омӯзгор ва 396 нафар хонанда ҷалб карда шудаанд.

**Навгони илмӣ таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқоти мо аз муносибати нав ба ташаккули таҷрибаи иҷтимоии хонанадагони синфҳои 5-6 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди дарсҳо ва фаъолияти буруназсинфӣ аз фанни биология тавассути пешниҳоди амсилаи педагогии пешниҳоднамудаи муаллиф иборат аст.

Дар раванди таҳқиқот натиҷаҳое, ки моҳияти навгонии илмиро доранд, ба даст омад, аз ҷумла:

- моҳияти таҷрибаи иҷтимоии хонандагони синфи 5-6 муассисмаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавзеҳ дода шуд;
- ҷузъҳои таркибии таҷрибаи иҷтимоии наврасон ва меъёрҳои баҳодиҳии сатҳи рушди онҳо муайян карда шуданд;
- имконияти таъсиррасонии дарсҳои биология ва фаъолияти буруназсинфӣ ба ташаккули таҷрибаи иҷтимоии хонандагон исбот карда шуданд;
- шароитҳои педагогӣ таҳия гардиданд, ки барои ташаккули таҷрибаи иҷтимоии хонандагон дар раванди таълими фанни биология мусоидат мекунанд;
- барномаи тарбиявии « Бо ҳам –беҳтар!» такмил дода шуд.

**Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Рушди мавқеи шахсии хонандагони муассисаҳои таълимӣ робитаи ногусастанӣ ба сатҳи таҷрибаи иҷтимоии наврасон дошта, аз маҷмуи арзишҳо, дониш, қобилият, малака, меъёри рафтор, ҳамкории иҷтимоӣ иборат аст, ки барои иҷтимоигардии наврасон дар оянда мусоидат менамояд.

Қисматҳои таҷрибаи иҷтимоӣ ҷузъҳои аксиологие мебошанд, ки тамойилҳои арзишии хонандагон ва амрҳои иҷтимоии шуури ӯро дар ин самт; ҷузъи маърифатии идроки муҳимияти меъёрҳои рафтори дар ҷомеа қабулгардидаи роҳҳои ҳамкорӣ байни одамон, таасуроти вай оид ба ҳақиқати иҷтимоӣ; ҷузъи фаъолиятии дар шакли маҷмуи маҳоату малакаҳои иҷтимоӣ, ки хонанда бояд доро бошад, то ки ташаккули таҷрибаи иҷтимоӣ мақаднок ва самаранок ҷараён гирад; ҷузъи худбаҳодиҳӣ, ки ба омодагии хонанда ба таҳлили таҷрибаи муносибати иҷтимоии андӯхтааш, дарки рафтори худ ва фаъолияти одамони дигарро муайян мекунанд, Сатҳи ташаккуёфтаи ҳар як ҷузъҳои таҷрибаи иҷтимоиро метавон бо истифода аз меъёрҳои баҳодиҳӣ, аришҳои ҳавасмандкунанда, амалиётӣ ва моҳиятӣ муқаррар кард.

2. Барои ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагони синфҳои 5-6 иштироки шахсии ӯ дар фаъолиятҳои мухталиф, аз он ҷумла, дар корҳои беруназсинфӣ мебошад, ки таркиби асосии таҳсилоти умумии муосир ба ҳисоб меравад.

Зери мафҳуми корҳои беруназсинфӣ мо фаъолияти таълимие , ки ба ғайр аз дарсҳои асосӣ дар муассисаҳои таълимӣ бо мақсади тарбияи наврасон ва иҷтимоишавии онҳо дар ҷамъият роҳандозӣ карда мешавад, фаҳмида мешавад. Ба ғайр аз ин, корҳои беруназсинфӣ барои

ташаккулёбии тачрибаи иҷтимоии хонандагон ҳамчун талаботи иштироки шахсӣ дар фаъолияти муҳимми иҷтимоӣ равон гардидааст.

Ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагони синфҳои 5-6 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарсҳои биология ва корҳои беруназзинфӣ вобаста ба таълими фанни мазкур, агар тамоми маҷмуи шакл ва методҳое, ки барои интихоби ихтиёрии хонандагон дар самти фаъолияти худ тибқи манфиатҳи шахсии худ истифода шавад, ташкили босифати муносибат бо ҳамсинфон ва ҳамсолон барои фаъолона ворид шудан ба шаклҳои гуногуни ҳамкориҳои иҷтимоӣ, нақшҳои нави иҷтимоиро азхуд кардан, самаранок мегардад.

3. Замина барои ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ моделҳое мебошанд, ки аз якчанд қисматҳои алоҳида иборат аст ва дар раванди таълими фанни биология ва корҳои беруназзинфӣ самти мазкур амалишаванда аст. Қисмати мақсадноки модел аз ҳадаф, вазифаҳое иборат аст, ки барои самаранок ташаккулёбии тачрибаи иҷтимоии хонандагон дар раванди дарсҳои биология ва корҳои беруназзинфӣ бояд ҳал кард. Қисмати методӣ бошад, ба муаллим барои ташкил кор дар ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагон, ки принсипҳои татбиқи фаъолияти мазкурро тавсиф менамояд, пешниҳод мешавад. Қисмати мундариҷавӣ бошад, моҳияти таркиботи алоҳидаи ташаккулёбии тачрибаи иҷтимоии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро шарҳ медиҳад. Қисмати марҳилавӣ бошад, асоснокии назариявии исботи марҳилавии ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагон дар раванди таълими фанни биология ва дар кори беруназзинфӣ исбот менамояд. Қисмати ташхисӣ бошад, интихоби воситаҳои зарурӣ барои арзёбии набзи тағйирёбии ин ё он компонетҳои сатҳи иҷтимоии хонандагоне, ки ба омӯзиши фанни биология ва ба корҳои беруназзинфӣ машғуланд, муайян менамояд.

4. Барои самаранок ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии наврасон дар раванди дарсҳои фанни биолгия ва корҳои беруназзинфӣ вобаста ба фанни мазкур талаботҳои шароитҳои педагогии зеринро таъмин намудан зарур аст:

- ташкили ҳамкорӣ педагогӣ байни муаллим ва хонандагон аз рӯйи қоида ёрирасонӣ дар ташкили фаъолияти таълимиву тарбиявии дарсҳои фанни биология, Мақсади ин ҳамкорӣ азхудкунии арзишҳои мактабиест, ки ба онҳо барои идора намудани худ дар ҳар намуди робита дар раванди муносибат бо одамони дигар ёрӣ мерасонад.

- ташкили корҳои таълимиву тарбиявӣ дар дарсҳои биология ва корҳои беруназзинфӣ бо тамоюли иҷтимоидошта, тавассути дар раванди мазкур ворид намудани барномаи« Бо ҳам –беҳтар!» .

- дар хонандагони машғули омӯзиши фанни биология инкишоф додани муносибат ба шахсияти худ хамчун субекти муҳимми корҳои беруназзинфӣ.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот:**

-тибқи пешниҳоди муҳаққиқ оид ба сохтори таҷрибаи иҷтимоӣ имконияти арзёбии сатҳи таҷрибаи иҷтимоии хонанадгони синф 5-6 ба

миён омад, ки заминаи назариявии педагогикаи иҷтимоиро такмил медиҳад;

- моҳияти маҳфуми «таҷрибаи иҷтимоӣ» барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шуд, ки ба инкишофи истилоҳотти илмҳои педагогӣ таъсири мусбӣ мерасонад;

- шароитҳои педагогие, ки муҳаққиқ барои ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагон пешниҳод кардааст, барои баланд бардоштани самаронокии ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагоне, ки машғули омӯзиши фанни биология ва корҳои беруназсинфиву таҷрибаи иҷтимоианд, иконият медиҳанд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот.** Натиҷаи корҳои таҷрибавию озмоишӣ ба такмилёбии раванди ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагони синфҳои 5-6 муассисаҳои тьаҳсилоти миёнаи умумие, ки дар раванди дарсҳо ва корҳои беруназсинфии фанни биология гирифтаанд, таъсири мусбӣ мерасонад:

- методҳои нави ташхис имкон медиҳад, ки тағйирёбии сатҳи таҷрибаи иҷтимоии хонандагони муассисаҳи таҳсилоти миёнаи умумӣ назорат карда мешавад;

- барномаи такмилёфтаи « Бо ҳам – беҳтар!» метавонад дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва таҳсилоти иловагӣ истифода шавад;

- натиҷаҳои ҷамъбастии таҳқиқот метавонад дар ҷараёни омодакунии муаллимони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои таълимии томактабӣ, роҳбарони синф истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дурустӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо асоснокӣ ва саҳеҳии усулҳои методологӣ ва назариявӣ, истифодаи маҷмӯи усулҳои ба ҳам вобастаи таҳқиқоти илмӣ, ки ба мавзуъ ва вазифаҳои таҳқиқот комилан мутобиқанд, мувофиқати муқаррароту хулосаҳои назариявӣ, кофӣ будани сарчашмаҳои истифодашуда, асоснокии истифодаи усулҳои озмоишӣ ва маълумоти дар натиҷаи таҳқиқоти озмоишӣ бадастомада таъмин мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот: *банди 3* – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот;), *банди 4* – «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими бачагон дар давраҳои гуногуни бавоярасии онҳо; навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо; технологияҳои таълим; консепсияҳои таҳияи таъминоти таълимию методии раванди таълим ва воситаҳои таълим;) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар амри иҷрои фаъолиятҳои зерин зуҳур меёбад:

- махсусан, дар таҳлили амиқи адабиёту сарчашмаҳои илмӣ, баррасӣ ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда ва ба низомдарории онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда;

- омӯзиш, таҳлил ва арзёбии роҳу усул ва шароити педагогии ташаккули таҷрибаи иҷтимоии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчун масъалаи педагогӣ дар адабиёти илмӣ, педагогӣ ва равоншиносӣ;

- муайян кардани шароитҳои педагогӣ ва моҳияти таҷрибаи иҷтимоии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- пешниҳоди тавсияҳои методӣ барои омӯзгорон доир ба ташаккули таҷрибаи иҷтимоии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҷараѐни дарсҳо ва машғулиятҳои беруназсинфӣ аз фанни биология;

- гузаронидани кори таҷрибавию озмоишӣ, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додани натиҷаҳои таҳқиқот;

- таҳия ва интишори мақолаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҳарсолаи олимон ва омӯзгорон, семинар-машваратҳои илмӣ-назариявии кафедраҳои тахассусии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва ҷаласаҳои васеи шуъбаи табиатшиносию риёзӣ ва технологияҳои иттилоотии таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ироа ва баррасӣ гардида, дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд ва дар фаъолияти амалии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ, ки корҳои таҷрибавию озмоишӣ дар онҳо гузаронида шуданд, амалӣ карда шуданд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 8 номгӯй мақолаҳои илмии нашрнамудаи довталаб инъикоси худро ёфтаанд, аз он ҷумла 3 номгӯйи онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 номгӯй дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо ва 1 номгӯй дар маҷаллаи илмии байналмилалӣ ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия:** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Мундариҷаи диссертатсия 189 саҳифаи чопи компютериро дар бар гирифта, рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 202 номгӯй иборат аст.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Қисмати якуми кори диссертатсионӣ муқаддимавь буда, дар он мубрамии интихоби мавзуъ, ҳадафҳои муайяншуда, вазифаҳо, предмет, объекти таҳқиқот, фарзияҳои кории мушаххасшуда, метод ва методологияи кор, аҳаммияти озмоишҳои гузаронида барои илми педагогика баён шудааст.

Дар қисмати асосӣ - дар ду боби диссертатсия раванди озмоишҳо бо натиҷаҳояш мафассал оварда шудааст.

Муҳаққиқ **дар боби аввал « Заминаҳои назариявӣ ва методологии ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонанадагон дар дарсҳо ва машғулиятҳои беруназсинфии фанни биология»** маводҳои назариявии мавзуи таҳқиқотро таҳлил намудааст. Тавассути методҳои таҳлил ва синтез муҳаққиқ тавсири

ибораву калимаҳои асосии мавзуи таҳқиқотиро баррасӣ ва мафҳуми «таҷрибаи иҷтимоии наврасони хурдсол»-ро муайян намудааст, мазмун ва қисматҳои алоҳидаи сохтори онро тавзеҳ дода, арзёбии сатҳи ташаккулёфтаи таҷрибаи иҷтимоии хонандагони синни наврасии хурдро муайян ва онҳоро асоснок намудааст.

«Таҷрибаи иҷтимоӣ» дар кори илмии мо, ҳамчун таҷрибаи умумӣ бо тамоюли иҷтимоишавии наврасон таҳқик шудааст. Асосан, чунин тачриба ҳамчун таҷрибаи шахси ҷамъиятӣ ва иҷтимоӣ, ки барои ҳаёти ҷамъятӣ аҳаммияти муҳим дорад, омӯхта мешавад.

Таҳлили маводҳои назариявие, ки доир ба мавзуи кори таҳқиқотии мо мутобиқат мекунад, имкон дод, моҳияти таҷрибаи иҷтимоӣ ба чунин тарз тавзеҳ дода шуд:

- дар ибтидо, илм таҷрибаи иҷтимоиро ҳамчун таҷрибаи шуур, ки тавассути равобити тарафайн миёни шахс ва олами моддӣ ташаккул ёфтааст, муайян карда буд;

- бо мурури замон дониш андӯхта имкон дод, муфассалтар мавзуи мазкур таҳқиқ шавад, алоқамандии таҷрибаи иҷтимоӣ бо масъалаҳои тарбиявӣ, иҷтимоишавӣ, фардикунонӣ, рушди шахс хамчун шахсият дар раванди азхудкунии арзишҳое, ки ба ҷомоеи муайяне тааллуқ дорад, пайдо гардид;

- тачрибаи иҷтимоӣ аз маҷмуи ҳиссиёт, азсаргузаронӣ, воситаҳои тафаккур, муносибат, фаъолият, малака, дониш, маҳорат, одобу рафтор, дастурҳои ичтимоӣ таркиб меёбад;

- азхудкунии тачрибаи иҷтимоӣ тавассути механизми фаъолият, мавқеъ ва робитаи иҷтимоӣ, худогоҳӣ имконпазир мегардад.

Дар кори таҳқиқотии мо ба синнусоли хурди наврасӣ, ки дар бисёр сарчашмаҳо «пешазнаврасӣ», «гузаришӣ» ва ғайра номида мешавад, бештар таваҷҷуҳ зоҳир шудааст.

Муҳаққиқони мухталиф ба масъалаи мазкур синнусоли наврасӣ аз паҳлуҳои гуногун андешаронӣ мекунад.

Д.Б. Элкони синнусоли наврасиро чунин таснифот кардааст:

- синну соли хурдӣ аз 12-сола то 14-сола;
- синну соли калонӣ аз 15-сола то 17- сола.

В.А. Аверина бошад, андаке дигар таснифот кардааст:

- наврасии хурд аз 10- сола то 13- сола ;
- наврасии калон аз 13- сола то 15- сола.

Аз рӯйи андешаи муҳуққиқ, махсусан, инкишофи фаъолияти маърифатии синни хурди наврасонро хусусияти асосӣ ҳисобидан зарур аст. Чунин намуди фаъолият барои ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоӣ тавассути азхудкунии малака, маҳорат, дониши хусусияти иҷтимоидошта мусоидат менамояд.

Таҷрибаи иҷтимоӣ метавонад, хеле гуногуншакл бошад. Хусусиятҳои он зери таъсири омилҳои гуногун ташаккул меёбад ва таҳқиқоти ҷиддиро доир ба мураттабсозӣ ва таснифоташ тақозо мекунад.

Тачрибаи иҷтимоӣ дар ҳаёти шахс мавқеи махсусро дар иттилоотнокӣ ишғол мекунад, ки ҳамчун ашёи ҳиссиёти зеҳнӣ таввассути

азнавшавии ичтимоёт ва фарҳанги ҷомеа, худташкилёбии иҷтимоӣ мебошад.

Масъалаи ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии синни хурдсоли наврасонро таҳқиқ намуда, мо хусусияти худбаҳодиҳии тафаккури ӯро муайян мекунем, ки ин хусусияти ҳамин давраи синнусолӣ мебошад. Тавассути худбаҳодиҳӣ наврас, на танҳо ба таҷрибаи иҷтимоии андӯхта сарфаҳм меравад, балки арзишҳо, тамоюл ва дастурҳои ҳаётии шахсии худро ташаккул медиҳад.

Тавссути худбаҳодиҳӣ дар шахс худшиносӣ ташаккул меёбад, яъне дар симои худии «Ман». Худбаҳодиҳӣ дар тағйирёбии ботинии шахсият ва дар қобилияти наврас барои дарк намудани шахсоне, ки бо ӯ дар ҳамкории муайян қарор доранд, зоҳир мегардид.

Ба андешаи муҳаққиқ унсури асосии ба инкишофи таҷрибаи иҷтимоии наврасони синни хурд худшиносӣ мебошад, ки барои дарки ҳолати ҳақиқии олами иҷтимоӣ ва дарки мавқеи худ дар он мусоидат менамояд.

Танҳо дар ҳолати фаъолнокии баланди инкишофи худшиносии кӯдак дар ӯ дар сатҳи зарурӣ таҷрибаи иҷтимоӣ ташаккул меёбад. Худшиносӣ дар раванди ҳамкории наврас бо ҷомеа ташаккул ёфта, дар раванди инкишофи «Ман – консепсия» фаъол мегардад.

Зери мафҳуми «Ман – консепсия» тартиби устувор ва фардии таассуроти шахс дар бораи худаш «Ман» мебошад, ки дар дараҷаи муайян даркшаванда аст. Дар асоси чунин таассурот фард дар бораи худаш назареро асос намуда, ҳамкориро бо дигар намояндагони муҳити иҷтимоӣ бунёд менамояд. Дар давраи синнусоли наврасии хурд арзишҳои тамоюлӣ зери таъсири таҷрибаи ҳаёт ташаккул ёфта, дар эътиқод, худбаҳодиҳӣ, идеалҳо таҷассум мегардад. Сатҳи худшиносии хонандагон тағйир ёфта, сайъ мекунанд, ки хусусиятҳои фардӣ, имкониятҳо ва қобилиятҳои худро муайян кунанд.

Барои наврасони синусоли хурд хусусиятҳои зерин хос аст:

- талабот ба эътибори ҷамъиятӣ тавассути фаъолияти фаиданок;

- тавассути муносибат барои устувор намудани мавқеи худ, сайъ кардан;

- ҳассосият ба азхудкунии одобу рафтор, арзишҳои ҳаётӣ, шаклҳои муносибат;

Ҳамин тариқ, хусусиятҳои овардашуда ба мо имкон медиҳад, ки наврасони хурд дар ин синнусол дар ҳолати муносиб барои азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ қарор доранд, исбот намоем. Сатҳи ташакулёфтаи таҷрибаи иҷтимоӣ аз рӯйи як қатор ченакҳо арзёбӣ мегардад. Яке аз унсури муҳимми ин арзёбӣ ягонагии сохтори таҷрибаи иҷтимоӣ мебошад.

Унсурҳои таҷрибаи иҷтимоӣ дар модели пешниходгашта аҳаммияти ягона дошта, дар алоқамандӣ қарор дорад. Дар модел сохтори объективии таҷрибаи иҷтимоӣ инъикос ёфтааст, ки бояд азхуд карда шавад.

Модел таҷрибаи иҷтимоиро, ки дар раванди зиндагии одамон пайдо шудааст, худро дар дониш, воситаҳои фаъолият, одобу рафтор, принсипҳои аҳлоқӣ ва омода ба эҷоду камолёбӣ таҷассум менамояд.

Олимони муосир бисёршаклии сохтори таҷрибаи иҷтимоиро пешниҳод доранд, ки дар он унсурҳои таркибии гуногун намоён мешавад. Бо вуҷуди ин чунин унсурҳо ҳарчанд аз рӯйи калимасозӣ мухталифанд, аммо хеле ба мохияташ наздиканд. Аз ин шумора унсурҳои маърифатӣ, арзишӣ-ҳиссиётӣ ва рафториро қайд кардан мумкин аст.

Ба сохтори таҷрибаи иҷтимоии баррасишавандае, ки нисбат ба наврасони хурд тааллуқ дорад, мо диққати худро ба гурухи унсурҳои аксиологӣ, когнетивӣ, фаъолиятӣ ва рефлексӣ равона намудем.




***Расми 1. Сохтори таҷрибаи иҷтимоии хонандагони наврасони синнусоли хурд***

Унсури аксиологӣ сатҳи тамоюлҳои арзишиеро муайян мекунад, ки ба ташаккулёбии амрҳои иҷтимоии хонандагони наврасони хурд таъсир мерасонад. Унсури когнетивӣ, ки сохтори таҷрибаи иҷтиоиро ташкил менамояд, аз таассурот, дониши кӯдак вобаста ба синнусоли гурӯҳи мазкур оид ба қоидаҳои ҷамъиятии муносибат ва ҳақиқати иҷтимоӣ иборат мебошад. Унсури фаъолиятӣ бошад, аз маҷмуи кордонии иҷтимоӣ, малакаҳо, ки барои гирифтани таҷрибаи ҳамкории наврасони хурд дар ҷомеа дар хадди фаъолияти мухимми иҷтимоӣ ва шахсӣ иборат буда, асоси онро арзишҳои иҷтимоӣ ва таассурот ташкил менамояд. Унсури рефлексивӣ омодагии наврасони синни хурдро ба таҳлили ҳамкориҳои иҷтимоӣ, ҳолати рефлексии он, фаъолияти ба натиҷа равонашуда ифода менамояд.

Тамоми унсурҳои тачрибаи иҷтимоиро, ки дар боло тазаккур додем, байни худ робитаи ногусастанӣ доранд. Онҳо бо ҳам мусоидакунандаанд.

Унсурҳои ишораршударо ба инобат гирифта, мо тавонистем, меъёрҳо, сатҳҳо, нишондодҳои аосиеро муайян намоем, ки тавассути онҳо метавонем ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии наврасони хурдро дар раванди чорабиниҳои дар чорчӯбаи фаъолияти беруназсинфӣ ташкил шудааст, тавсифу арзёбӣ намоем.

**Ҷадвали 1. Ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии наврасони синни хурд: меъёрҳо, сатҳҳо, нишондодҳо**

| Меъёрҳо | Сатҳҳо, нишондиҳандаҳо |
|---|---|
| Ҳавасмандӣ-арзишӣ, арзишхои иҷтимоӣ ва шахсии наврасони хурд, ки онҳоро ба фаъолияти дорои аҳамияти иҷтимоидошта барои ҷомеа равона мекунад. | Сатҳи баланд: наврасони хурд барои иштироки шахсӣ дар фаъолияти муҳимми иҷтимоӣ ҳавасманд гардидаанд. Дар арзишҳои шахсии онҳо арзишҳои муҳимми иҷтимоӣ бартарӣ дорад. |
| | Сатҳи миёна: наврасони хурд барои иштироки шахсӣ дар фаъолияти муҳимми иҷтимоӣ пурра ҳавасманд нагардидаанд. Дар баробари ин дар арзишҳои шахсии онҳо арзишҳои муҳимми иҷтимоӣ дохи ласт. |
| | Сатҳи паст: ҳавасмадӣ барои иштироки шахсӣ дар фаъолияти муҳимми иҷтимоӣ надорад. Дар арзишҳои шахсии онҳо ба арзишҳои муҳимми иҷтимоӣ таваҷҷуҳ нест. |
| Мундариҷавӣ, ҳамчун маҷмуи мутаҳҳидкунадаи дониш, одобу рафтор, мавқеи иҷтимоӣ, арзишҳои иҷтимоӣ, дарки зарурияти истифодаи воситаи ҷалбкунанда ва ҷалбнакунанда мебошад. | Сатҳи баланд: мураттабсозии дониши арзишҳои асосии иҷтимоӣ, одобу рафтор, мавқеи иҷтимоие, ки наврасон бошуурона қабул намудаанд. Дарки муҳимият ва самарадори истифодаи муносибати ҷалбкунанда ва ҷалбнакунада. |
| | Сатҳи миёна: нопурра мураттабсозии дониши арзишҳои асосии иҷтимоӣ, одобу рафтор, мавқеи иҷтимоие, ки дар ҷомеа қабул шудааст. |
| | Сатҳи паст: дарки ҳисачавии арзишҳои асосии иҷтимоӣ, одобу рафтор, мавқеи иҷтимоие, ки дар ҷомеа қабул шудааст. дараҷаи пасти дарккунии муносибати ҷалбкунанда ва ҷалбнакунада. |
| Амалиётӣ-ҷамъкунандаи малакаҳои муносибат бо одамони дигар. Ташкил ва иштирок дар фаъолияти якҷоя ва даставӣ. | Сатҳи баланд: дар муносибат бо ҳамсолон, наврасони калон ташаббускор аст. Дар ӯ хоҳиши устувори муносибат доштан бо одамони дигар мушоҳида мешавад ва доираи муносибатро васеъ менамояд. Дар вақти муносибат наврас эмотсияи ҳамсуҳбаташ хис ва пай мебарад ва ба худ вазифаи ташкилкунандаи муносибатро гирифта, босаводона вазифаҳоро дар байни иштирокчиёни фаъолияти дастаӣ тақсим менамояд. Дар ин маврид, худаш бошад, фаъолона ба корҳои дастаӣ машғул мешавад. |

| | |
|---|---|
| | Сатҳи миёна: дар муносибат бо ҳамсолон камфаъолӣ нишон медиҳад. Хоҳиши махсуси васеъ кардани давраи муносибатро надорад. На ҳамеша холати эмотсионалии ҳамсуҳбаташро ҳис мекунад, инчунин пай намебарад. Фаъолияти одамони дигарро метавонад ташкил намояд, аммо нақшаи аниқи татбиқи фикрҳои мушаххасро надорад. Дар раванди фаъолияти дастаӣ метавонад, вазифаҳоро байни иштирокчиён тақсим намояд, аммо на ҳамеша худаш дар фаъолияти дастаӣ иштирок мекунад. |
| | Сатҳи паст: хоҳиши муносибат бо ҳамсолонаш ва дигар одамон доштанро надорад. Барои васеъ кардани доираи муносибат ҳавасмандӣ надорад. Тағйирёбии ҳолати эмотсионалии ҳамсухбаташро ҳис мекунад, инчунин пай намебарад. Барои гирифтани вазифаи ташкилотчии фаъолиятиякҷоя омода нест. Дар байни даста вазифаҳоро тақсим карда натавонистанд. Дар фаъолияти дастаӣ иштирок намекунад. |
| Арзёбишаванда, муайянкунандаи сатҳи малакаҳои рефлексивӣ хусусияти худбаҳодиҳӣ | Сатҳи баланд: маҳорати хуби арзёбӣ ва ислоҳи фаъолитяи худ, рафтор ва фаъолияти одамони дигарро таҳлил кардан, сатҳи комили танқидиро зоҳир кардан. |
| | Сатҳи миёна: маҳорати ҳудслоҳкунии фаъолияти худ пурра ташаккул наёфтааст. Худбаҳодиҳӣ кам поён ё каме боло рафтааст. |
| | Сатҳи паст: натавонистани арзёбӣ ва ислоҳи фаъолияти худро ошкоро зоҳир кардан, рафтори худ, ҳамсолон ва дигаронро таҳлил кардан. Худбаҳодиҳӣ хеле поён ё хеле боло рафтааст. |

Дар ҷадвали мазкур зери мафҳуми «меъёр» мо нишондиҳандаеро, ки барои сифати арзёбӣ аст, овардаем. Яъне ин ченаки шартӣ барои ченкунии объект ва арзёбии он истифода мешавад.

Дар меъёри сатҳи баланд иҷроиши тамоми нишондодҳо дар ҳаҷми пурра муайян карда тмешавад. Агар танҳо нишондодҳои асосии меъёр иҷро шавад, пас он ба сатҳи миёна дохил мешавад. Ба сатҳи паст иҷроиши як нишондоди меъёр ё тамоман дар раванди арзёбӣ набудани онҳо дохил мешавад.

Тамоми раванди инкишофро дар маҷрои гузариш аз холатии сифатан паст ба баландтар ба таҳқиқот шуруъ мекунанд.

Аз ин рӯ, таҳқиқи ҳамаи сатҳи ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагони синни наврасони хурд, ки машғули фаъолияти беруназсинфианд, ҷихати асосии кори илмии мо мебошад.

Зери мафҳуми «сатҳи ташаккулёбӣ» мо дараҷаи муайянеро мефаҳем, ки барои ноил гардидан ба ягон чиз зарур аст.

Таҷрибаи иҷтимоӣ ба шахс имкон медиҳад, ки ба ҷомеа мутобиқ шавад. Сатҳи ташаккулёбӣ бевосита ба пешравии навраси синни хурд дар ҷомеа таъсир мерасонад. Маълумотҳои дар раванди таҳқиқот гирдоварда

ба мо имкон дод, се сатҳи башаккулёбии таҷрибаи иҷтимотро муайян намоем. Сатҳи паст-муайянкунандаи набудани нишондодҳои арзёбӣ, сатҳи миёна- мавҷуд будуни ҷузъҳои нишондодҳои арзёбӣ, сатҳи баланд бошад, дар он тамоми меъёрҳои арзёбӣ муаян карда мешавад.

Таҳлили назариявии адабиёти вобаста ба мавзуи интихоб кардаи мо имкон дод, хулосаҳои зеринро барорем:

- яке аз масъалаҳои муҳимми педагогикаи муосир ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагони синни наврасии хурд мебошад. Ҳалли масъалаи мазкур имкон медиҳад, ки мустақилияти наврас, пешравии онҳо дар ҷамъият, тарбияи боварӣ ба қувваи худ таъмин гардад. Ин сифатҳо дар ҷамъият ҳамеша зарур аст;

- таҷрибаи иҷтимоӣ – ин синтези арзишҳо, одобу рафтори дар чамъият қабулшуда, маҳорати иртиботи иҷтимоӣ, ки тавассути он наврасони хурд мавқеи худро дарк ва устувор менамояд;

- унсурҳои алоҳидаи таҷрибаи иҷтимоӣ, ки ба хонандагони синни наврасии хурд тааллуқ доранд, ҷуфтанд: аксиологӣ-маъифатӣ, фаъолиятӣ – рефлексивӣ;

- унсурҳои алоҳидаи ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоӣ тибқи меъёрҳои ҳавасмандӣ-арзишӣ, мундариҷавӣ, амалиётӣ-ҷамъкунанда, арзёбишаванда-муайянкунанда арзёбӣ карда мешавад;

- ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоиро бо се сатҳ: паст, миёна, баланд муайян карда мешавад.

Масъалаи ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагони синни наврасн хурд бояд дар самти истифодаи имкониятҳо барои баланд бардоштани сифати раванди фаъолияти беруназсинфӣ таҳқиқот идома ёбад.

Вазифаи асоси ташаккулёбии тачрибаи иҷтимоии наврасони синнусоли мазкур дар раванди таҳсил бояд дастгирии педагогии шахс бошад, яъне шаҳрванди хушахлоқи Тоҷикистон, дар корҳои ҷамъиятӣ фаъолӣ нишон диҳад, барои тақдири Ватанаш масъул бошад, ба ояндаи дурахшони давлат боварӣ дошта бошад, эҳтироми арзишҳои миллӣ ва барои инкишофи он мусоидат намояд.

Аввалин шароити педагогиро таъимн намуда, муҳити ҳавасмандиро ташкил намуда, мо барои муайян намудани омилҳое, ки иштироки наврасонро дар иттиҳодияҳои кӯдакон ҳавасманд гардонад ва ба хонандагон моҳияти фаъолияти ҷамъитӣ фаҳмонад, кор бурдем. Кор дар ин самт тариқи суҳбат ва саволномаҳо гузаронида шуд.

Ба ақидаи муаллиф ҳавасмандгардонии наврасон барои иштирок дар фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятии кӯдакон бояд дар раванди намоишҳои зоҳирии комёбиҳое, ки собиқ иштирокчиёни иттиҳодия ноил шудаанд, инчунин тариқи шиносоӣ аъзои нав бо пешвоёни иттиҳодия, анъанаҳояш, расму оинаш ба роҳ монда мешавад.

Шароити педагогии дуюм бошад ин тавсеаи дониши хонандагон дар бораи моҳияти иҷтимоии воқеият барои ташаккули таҷрибаи иҷтимоии когнетивии наврасони синни хурд бояд мусоидат намояд. Интизорӣ меравад, ки хонандагони синфҳои 5-6 аъзои «Ҳаракати мактаббачагони

Тоҷикистон» мебошанд, дар раванди татбиқи барномаи « Бо ҳам – беҳтар!» дониш ва маҳорати заруриро, ки барои татбиқи нақшаҳои ташкилоти кӯдакон талаб мекунад, азхуд менамоянд.

Шароити педагогии сеюм бошад ин ҷалби наврасон ба фаъолияти муҳимми иҷтимоӣ мебошад, ки бояд воситаи асосии азхудкунии таҷрибаи иҷтимоии хонандагон бошад.

Зери мафҳуми фаъолият, ки моҳияти муҳимми иҷтимоӣ дорад, мо маҷмуи амалҳои мақсадноки дигаргунсози иҷтимоӣ ва хостори ҷамъият аст, мефаҳмем.

Таҷрибаи муҳими иҷтимоии фаъолиятро хонандагони синни навраси хурд тавассути иштирок дар чорабиниҳои амаливу эҷодӣ азхуд мекунанд. Масалан, дар консертҳо, ҳамоишҳо ва дигар икдомҳои ватанпарварона.

Ҳамин тавр, мо тавонистем шароитҳои педагогиро муайян ва асоснок намоем, ки барои муҳити маърифатии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ хос аст ва барои ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагони синни наврасии хурд мусоидаткунада мебошад.

Фаъолияти минбаъда аз рӯйи мавзуи интихобнамудаи муҳаққиқ барои ошкор намудани тавоноии дарсӣ ва фаъолияти беруназсинфӣ, ки сифати азхудкунии таҷрибаи иҷтимоии наврасони хурдро баланд мебардорад, равона гардидааст. Иловатан, марҳилаҳои ташаккулёбии чунин таҷрибаи наврасони дараҷаҳои синнусолӣ дар раванди фаъолияти беруназсинфӣ муайян карда шуд.

Стандартҳои таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон методҳои асосии ташкили фаъолияти беруназсинфиро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян менамоянд:

- маълумотдиҳӣ дар шакли суҳбат, « мизи мудаввар», суханронӣ, мубоҳисаҳо ва ғайра;
- тасвирнамоӣ, намоишӣ. Ин метод истифодаи воситаҳои айёнӣ , расмҳо, навиштаҷот, накшаҳо ва ғайра дар назар дорад;
- фаъолияти амалӣ. Мисол, вазифа барои иҷрои амалҳои муайяни меҳнатӣ ( тайёр кардани модел, чамъовари ашёи хом);
- ҳавасмандкунии фаъолии эҷодӣ. Дар ин гурӯҳ методҳои мукофот, сарсаниш, сайъ ба комёбӣ, бартараф кардани нуқсонҳо ва ғайра дохил мешавад.
- санҷиши дараҷаи ботарбиягии наврасон бо истифода суҳбат, тест, пурсиш, иншо дар мавзуи супоридашуда, мушоҳида.

Мо фаъолияти беруназсинфиро аз паҳлуҳои мухталиф ташкилкунӣ омӯхтем ва модели ташкилкунии худро пешниҳод менамоем, ки дар чунин фаъолият татбиқ мешавад, тавассути истифодаи:

- барномаи таҳсилоти иловагии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;
- барномаи таҳсилоти иловагии муассисаҳои беруназмактабии фарҳангӣ, варзишӣ, ташкилотҳои эҷодӣ;
- барномаи гурӯҳҳои рӯзаш бардовоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- чорабиниҳое, ки аз чониби роҳбарони синф ташкил карда мешавад: мусобиқа, озмун, саёҳат, фаъолияти фоидаовари ҷамъиятӣ ва ғайра);

- чорабиниҳое, ки педагогҳои иҷтимоӣ, равоншиносони мактаб, роҳбарони созмонҳои хонандагон ва дигарон ташкил менамояд;

- фаъолияти инноватсиние, ки барои дар кори амалӣ таъсис ва татбиқи барномаҳои таълимӣ бо дарназардошти шароитҳои минтақавӣ дар фаъолияти беруназсинфӣ.

Ба асоси заминавии модел такя намоем, мо имкон пайдо менамем, ки намудҳои гуногуни ташкили фаъолияти беруназсинфиро таҳия намоем:

- таҳсилоти иловагӣ;
- инкишофи таҳсилоти инноватсионӣ;
- мактаби рӯзашбардовом;
- мувофиққунонии модели фаъолияти беруназсинфӣ.

Натиҷаи мусбии фарогирии фаъолияти беруназсинфӣ бо тахсилоти умумӣ ба наврасон барои барқарорсозии мавқеи ҳаётӣ, худтакоммулӣ ва ҷустуҷӯйи мавқеи худ дар ҳаёт ёрӣ мерасонад.

Тавассути фаъолияти беруназсинфии хонандагони синни наврасии хурд талаботи муносибат, намудҳои гуногуни фаъолияти фаъолро қонеъ мегардонанд.

Дар ин давраи синусоли муҳим бо кӯдак педагоги таҷрибадор ҳамроҳ буданаш зарур аст, ки ба хонандагон барои азхудкунии таҷрибаи иҷтимоиашон мусоидат намояд.

Хусусиятҳои ҳамкориҳои педагогӣ ҳолате мебошад, ки ба сарзадани масъалаҳои наврасон дар раванди фаъолият ишора менамояд, аз ҷониби муаллим ба пуррагӣ хал нагардад. Хонандагонро барои ҷустуҷуйи мустақилонаи ҷавобҳои саволҳое, ки ба миён омадаанд ё ҳавасманд намудан, зарур аст. Дар мавриди душворӣ кашидан барои ёфтани ҷавоби дуруст ёрӣ расонда шавад.

Муайян гардид, ки барои ташаккулёбии самараноки таҷрибаи иҷтимоии хонандагони наврас раванди мархилавиро риоя намуд.

Аз ҷониби муҳуққиқ диссертатсия модел тахия карда шудааст, ки максадаш ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии наврасони синни хурд дар раванди таълими дарсҳои биология ва фаъолияти беруназсинфии самти мазкур буда, асоснокии назариявиро додааст. Модел ҳамчун маҷмуъ аз қисматҳо бо ҳадфҳояш ва вазифаҳояш иборат аст.

Барои ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии якчанд шароити педагогии зурур муайян карда шудаст, ки самаранокии равандро дар ҷараёни таълими фанни биология ва фаъолияти беруназсинфии хонандагон баланд бардоштан имкон медиҳад: мавҷуд будани ҳамкории тарафйн бо иштирокчиёни раванди таҳсилот, ки вазифаҳояш азхудкунии арзишҳое мебошад, барои робитаҳои мухталиф миёни одамон мусоидаткунанда аст; иштироки наврасони синни хурд дар дарсҳо, фаъолияти беруназсинф, ки моҳияти муҳимми иҷтимоӣ дорад, тавассути ворид намудан дар раванди таълим барномаи « Бо ҳам –беҳтар!»; дар хонандагони синни наврaси хурд такмил додани муносибат ба худ, ҳамчун субъекти алоҳидаи фаъолияте, ки

дар чорчубаи барномаи таълимӣ ва фаъолияти беруназсинфӣ ташкил шудааст.

Натиҷаҳои истифодаи амалии шароитҳои педагогии муайяншудае, ки барои ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии наврасони хурд заруранд, дар боби дуюми диссертатсия оварда шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия «Корҳои таҷрибавию озмоишӣ оид ба озмоиши модели ташкиливу педагогии ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагон дар дарсҳо ва машғулиятҳои беруназсинфии фанни биологя» муаллиф таҳқиқотҳои озмоишӣ гузаронидааст. Омӯзиши раванди педагогии ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди дарсҳо ва фаъолияти беруназсинфии фанни муҳаққикро водор сохт, ки озмоиш гузаронад.

Корҳои таҷрибавию озмоишии мо дар се марҳила ташкил ва гузаронида шуд.

Маҳилаи якум (муқарраркунанда). Дар ин марҳила корҳои таҳқиқотӣ бо мақсади муайян кардани сатҳи ибтидоии ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди таълими фанни биология ва фаъолияти беруназсинфӣ гузаронида шуд. Мақсади мазкур тавассути истифодаи гуруҳи махсуси методҳои педагогии ташхисӣ амалӣ гардид:

- «Тамоюли арзишманд»-и М. Рокич;
- «Зеҳнии иҷтимоӣ»-и Ҷ. Гилфорд;
- «Банавъҷудокунӣ»-и В. Стефансон;
- «Ҳавасмандкунӣ барои иштирок дар фаъолияти аҳаммияти иҷтимоидошта;
- «Арзёбии қобилияти иртиботӣ ва ташкилотчигии шахс - В.В. Синявский ва Б.А. Федоришин;
- «Дар бораи таҷрибаи хаётӣ фикр менамоем»-и Н.Е. Шуркова;
- «Ташхиси сатҳи инкишофи рефлексивӣ»-и А.В. Карпов;
- «Худбаҳодиҳии шахс»-и Будасси.

Марҳилаи дуюм ( ташаккулёбанда). Ҳадаф татбиқи шароитҳои педагогие, ки аз ҷониби муҳаққиқи кори таҳқиқотӣ пешниҳод шудааст, барои ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди таълими фанни биология ва фаъолияти беруназсинфӣ заруранд. Барои ҳамин зарурият пеш омад, ки хонандагонро ба ду гурӯҳ: гурӯҳи назоратӣ (минбаъд ГН) ва гурӯҳи таҷрибавӣ ( минбаъд ГО) ҷудо намоем. Дар гурӯҳи таҷрибавӣ шароитҳои педагогие, ки аз ҷониби мо муайян гардида буд, дар фаъолияти беруназсинфӣ татбиқ гардид. Дар гурӯҳи назоратӣ бошад, ин лаҳзаи ташкили фаъолияти таълимиву тарбиявӣ истифода нагардид.

Марҳилаи сеюм (назоратӣ). Масъалаи асосии ин марҳила муқоисаи натиҷаҳое, ки аз рӯйи ҳамаи меъёрҳо дар раванди озмоиш ба даст омадааст, мебошад. Арзёбии сатҳи ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии

хонандагоне, ки дар раванди таълими фанни биология ва фаъолияти беруназсинфӣ ба даст овардаанд. Коркарди натиҷаҳо тибқи методи омориву математикӣ гузаронида шуд. Маълумотҳои бадастовардашударо истифода намуда, оид ба самаранокии шароитҳои педагогии мушаххас дар ин ё он дараҷа барои ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагон дар раванди таълими фанни биология ва фаъолияти беруназсинфӣ хулоса баровардем.

Дар таҳқиқоти тачрибавию озмоишӣ хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №65-и шаҳри Душанбе ва №7-и ноҳияи Файзобод иштирок намуданд. Хонандагони синфҳои 5-6 бошад, гурӯҳи назоратӣ ва гурӯҳи таҷрибавиро ташкил менамуданд.

Дар марҳилаи назорат мо тағийирёбии мусбии сатҳи ташаккулёбии малакаи рефлексивии хонандагони синфхои 5-6 дар гурӯҳи озмоишӣ дар раванди дарсҳои фанни биология ва фаъолияти беруназсинф мушоҳида намудем.




***Диаграммаи 1. Тағйирёбии сатҳи ташаккули меъёри амалии таҷрибаи иҷтимоӣ дар байни мактаббачагон аз ГО ва ГН ҳангоми дарси биология ва дар чорабиниҳои беруназсинфӣ, %***

Агар фоизи озмоишшавандагони гурӯҳи озмоиширо, ки сатҳи баланди ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоиро тибқи меъёрҳои таҳқиқотӣ дар давраи назоратӣ доранд, муқоиса намоем, аз рӯйи натиҷаҳои муайянкунандаи марҳила то 22.4% баланд гардидааст. Дар баробари ин, санҷиши такрорӣ аз рӯйи методи Будасси муайян шуд, ки дар гурӯҳи озмоишӣ шумораи озмоишшавандагони худбаҳодиҳии аниқро доранд, то 24,4% баланд гаридааст.

Дар ҷадвали 3 нишондодҳои ҷамъбастии сатҳи ташаккулѐбии хонандагони синфҳои 5-6 муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ аз рӯйи меъѐри арзѐбии марҳилаи назоратии таҷриба барои гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ

ҷамъоварӣ гардидааст.

Тибқи маълумоти ҷадвал мо ба хулоса омадем, ки дар гурӯҳи озмоишӣ шумораи хонандагони бо сатҳи баланди ташаккулѐбии меъѐри арзѐбӣ дар муқоиса бо иштирокчиѐни гурӯҳи назоратӣ хеле баланд гардидааст ва ба ченаки 40,9% расидааст. Ҳамзамон, дар гурӯҳи озмоишӣ шумораи хонандагон бо сатҳи пасти ташаккулѐбии меъѐри таҳқиқӣ ( то 17%) хеле кам гардид.

***Ҷадвали 2. Меъёри арзёбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагони синфҳои 5-6 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумие, ки ба омӯзиши фанни биология ва фаъолияти беруназсинфӣ машғуланд, барои ГН ва ГТ, % .***

| Сатҳ | ГТ | ГН |
|---|---|---|
| Паст | 17 | 29,4 |
| Миѐна | 42,1 | 48,6 |
| Баланд | 40,9 | 22 |

Натиҷаҳои муқоисавии дар боло овардашуда имкон дод, ки дараҷаи тағйирёбии сатҳи ташаккулёбии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии синни таҳқиқотшаванда тибқи меъёри арзёбӣ аз лаҳзаи оғози ташаккулёбии озмоиш ва дар лаҳзаи ба итмом расидан, муайян карда шуд.

***Ҷадвали 3. Сатҳи ташаккулёбии меъёри арзёбии иштирокчиёни ГТ ва ГН дар дарсҳои фанни биология ва фаъолияти беруназсинфӣ дар марҳилаҳои назоратӣ ва муқарраркунанда, %.***

| Сатҳ | ГО | | ГН | |
|---|---|---|---|---|
| | Марҳилаи назоратӣ | Марҳилаи муқарраркунанда | Марҳилаи назоратӣ | Марҳилаи муқарраркунанда |
| Паст | 17 | 36,7 | 29,4 | 35,5 |
| Миѐна | 42,1 | 47 | 48,6 | 48,4 |
| Баланд | 40,9 | 16,3 | 22 | 16,1 |
| Ҷамъ | 100 | 100 | 100 | 100 |

Ҷараѐни тағйирѐбии меъѐрҳои таҳқиқшавандаи таҷрибаи иҷтимоии хонандагони ГТ ва ГН дар раванди дарсҳои фанни биология ва фаъолияти беруназсинфӣ ташаккул ѐфтааст, аз рӯйи диаграммаи 1 метавон арзѐбӣ намуд.



***Диаграммаи 1. Чараёни тағйирёбии меъёрҳои таҳқиқшавандаи таҷрибаи иҷтимоии хонандагони ГТ ва ГН дар раванди дарсҳои фанни биология ва фаъолияти беруназсинфӣ ташаккул ёфтааст, %***

Натиҷаҳои ташхиси тамоми меъёрҳои таҷрибаи иҷтимоӣ дар марҳилаи назоратии корҳои озмоишиву таҷрибавро ҷамъбаст намуда, мо таҳлили муқоисавии маълумотҳои байни ГТ ва ГН гузаронидем.

***Ҷадвали 4. Марҳилаи назоратии гурӯҳи озмоишӣ. Сатҳи ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагони синфҳои 5-6, %***

| Сатҳ | Меъёрҳо | | | | Таҷрибаи иҷтимоии хонандагон дар дарсҳои биология |
|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳавасмандӣ-арзишӣ | Мундариҷавӣ | Амалиётӣ | Арзёбишаванда | |
| Паст | 19,9 | 20,1 | 19,4 | 17 | 19,1 |
| Миёна | 40,3 | 38,3 | 38,1 | 42,1 | 39,7 |
| Баланд | 39,8 | 41,6 | 42,5 | 40,9 | 41,2 |
| Ҷамъ | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |

***Ҷадвали 5. Маҳилаи назоратии гурӯҳи назоратӣ. Сатҳи ташаккулёбии таҷрибаи хонандагони синфҳои 5-6, %***

| Сатҳ | Меъёрҳо | | | | Таҷрибаи иҷтимоии хонандагон дар дарсҳои биология |
|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳавасмандӣ-арзишӣ | Мундари-ҷавӣ | Амалиётӣ | Арзёбиша-ванда | |
| Паст | 32,3 | 32,1 | 30,4 | 29,4 | 31,1 |
| Миёна | 46,1 | 46,4 | 47,8 | 48,6 | 47,2 |
| Баланд | 21,6 | 21,5 | 21,8 | 22 | 21,7 |
| Ҷамъ | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |

Ташхиси иштирокчиёни гурӯҳи озмоишӣ дар марҳилаи назоратии кори таҳқиқотии мо имкон дод, ки сатҳи пасти ташаккулёбии хонандагони синфҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумие, ки машғули омӯзиши фанни биология ва фаъолияти беруназсинфианд, дар озмоишшавандагон 19,1% муайян намудем. Дар гурӯҳи назоратӣ бошад, ба ҳамин хел монанд31,1% ташкил дод. Аз шумораи хонандагоне, ки аз гурӯҳи таҷрибавӣ дохиланд, сатҳи миёна ба 39,7% расиддаст. Дар гурӯҳи назоратӣ бошад, сатҳи мазкур дар хонандагон 47,2% ташкил додааст. Сатҳи баланд бошад, ба 41, % хонанадагони гурӯҳи озмоишӣ ва 21,7 %хонандагони гурӯҳи назоратӣ таносуб дорад.




***Диаграмаи 2. Муқоисаи сатҳи ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагонисинфҳои 5-6 дар раванди зомӯзиши фанни биология ва фаъолияти беруназсинфӣ дар марҳилаи назоратӣ. %.***

Тағйирѐбии сатҳи ташаккулѐбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумиро тибқи маълумоти ҷадвали 6 метавон мушоҳида намуд.

***Ҷадвали 6. Тағйирёбии сатҳи ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии мутаносиб ба гурӯҳи таҷрибавӣ ва гурӯҳи назоратӣ дар раванди озмӯзиши фанни биология ва фаъолиятиберуназсинфӣ дар марҳилаи назоратӣ, %.***

| Сатх | Нишондоди миѐнаи ГН | | Нишондоди миѐнаи ГТ | |
|---|---|---|---|---|
| | То тачриба | Пас аз тачриба | То тачриба | Пас аз тачриба |
| Паст | 35,5 | 31,1 | 36,7 | 19,1 |
| Миѐна | 48,4 | 47,2 | 47 | 39,7 |
| Баланд | 16,1 | 21,7 | 16,3 | 41,2 |

Таҳлили микдории маълумотҳое, ки дар раванди ташхис ба даст овардем, ба мо барои он лозим буд, то ки саҳеҳии фаркият ва мутобиқати нишондодҳоро дар байни гурӯҳи назоратӣ ва гурӯҳи озмоишӣ муайян намоем. Барои гузаронидани чунин ташхис мо меъѐри $X^2$ К. Пирсонро истифода намудем.

Барои он мо меъѐри К. Пирсонро истифода намудем, ки имкон медиҳад, тақсимоти омории меъёрҳои таҳқиқотшаванда на ҳамчун ба вазифаи ченаки тақсимот истифода мешавад. Бо ҳамин сабаб, он ба нишондодҳои аслие, ки мо ба номгӯйи сатҳи ташаккулёбии тачрибаи иҷтимоии хонандагони синфи 5-6 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди омзӯшифанни биология ва фаъолияти беруназсинфӣ ворид намудем, хеле зиёд наздик аст. Меъёри К. Пирсон бо эътимоди баланд натиҷаҳои ниҳоии корҳои озмоишиву таҷрибавиро имкон медод хулосабарӣ намоем.

Алгоритми ҳиссоббароии минбаъдаи маълумотҳое, ки ба фаркият ва мутобиқати натиҷаҳои дар раванди озмоиш бадастомада, ишора мегардад, чунин сурат мегирад:

1. Меъёри $X^2$ барои интихоби $X^2$ эмп-ро ҳисоб мекунем:

$$\chi^2 = \frac{1}{n_1 n_2} \sum_{i=1}^{m} \frac{(x_i n_2 - y_i n_1)^2}{x_i + y_i} ,$$

2. Натиҷаи бадастомад бо натиҷаи $X^2$ (таҳлилӣ) муқоиса менамоем. Агар дар кори таҳқиқоти худ мо се сатҳи ташаккулёбӣ меъёри L =3, пас L -1=2 муайян намудем. Аз ин бар меоямд, ки меъёри $X^2$ (таҳлилӣ) барои муайянкунандаи нишондоди L -1=2 ( сатҳи нишондод 0,05) истифода мегардад, ба 5,99 баробар мешавад. Дар ҳолате ки $X^2$ (эмперикӣ)> $X^2$ $_{0,05}$ пас натиҷаҳои муқоисавӣ фаркият доранд. Дар акси ҳол, дар бораи аҳамияти тағйирёбии нишощдодҳо андешаронӣ карданд, лозим намеояд.

Таҳлили микдории маълумотҳое, ки мо тавассути меъёри Пирсон бо мақсади фаркият ва мутобиқати натиҷаҳои ченкунии сатҳи ташаккуѐбии таҷрибаи иҷтимоӣ дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоиширо муайян намудан, ба даст овардем. Дар ҷадвал натиҷаи ҷамъбастии ҳисобҳо, инчунин меъёри К. Пирсон дар ҳолати ибтидо ва дар вакти интиҳои озмоишҳо дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ оварда шудааст.

Натиҷаи $X^2$ гурӯҳи назоратӣ дар ҳолати ибтидо ва дар вакти интиҳои озмоишҳо мавриди таҳлил қарор буд, чунин аст: ($\chi$2эмп=2,20<$\chi$крит=5,99) ва ин хатарнок нест. Ҳамин тавр, тағйирѐбии асосӣ дар ин ҷо ба амал наомадааст. Дар гурӯҳи таҷрибавӣ бошад, баръакс, натиҷаи меъёри $X^2$ сатҳи хатарнокро ($\chi$2эмп=2,20<$\chi$крит=5,99) сипарӣ кардааст. Аз ин рӯ, мо метавонем тасдиқ намоем, ки тағйирѐбии ҷиддӣ мушоҳида мешавад.

Таҳлили натиҷаҳо нишон дод, ки меъѐри $X^2$ дар ҳолати ибтидо ва дар вакти интиҳои озмоишҳо дар гурӯҳи озмоишӣ ҳисобгирӣ шуда буд, ченаки хатарнокро гузаштаанд, аммо дар гурӯҳи назоратӣ бошад, ин кам аст. Аз ин бар меояд, ки методи интихоб намудаи мо барои ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагони синфҳои 5-6 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди омӯзиши дарсҳои фанни биология ва фаъолияти беруназсинфӣ бо истифодаи шароитҳои педагогие, ки муҳаққиқи кори таҳқиқотӣ пешниҳод намудааст, натиҷаҳои мусбӣ дод. Дар гурӯҳи назоратӣ ташхис тағйирёбии назаррасе дар сатҳи ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагон дар лаҳзаи итмоми корҳои озмоишиву таҷрибавӣ муайян накард.

***Ҷадвали 7. Муқоисаи меъёри Пирсон, ки барои ГН ва ГО дар лаҳзаи ибтидо ва интиҳои озмоиш баҳисобгирифташуда***

| Меъёрҳо | Гуруҳҳои назоратӣ (ГН), озмоишӣ (ГО) | Нишондоди меъёри $X^2$ чараёни тағйирёбӣ то ва аз таҷриба | Оё баландравии меъёри $X^2$ аз ченаки хатар (X крит. = 5,99, мушоҳида мегардад, агар df =2, сатҳи галат 0,05) бошад? | Оё дар ибтидо ва интиҳои таҷриба тағйирёбӣ мушоҳида мешавад? |
|---|---|---|---|---|
| Ҳавасмандӣ-арзишӣ | ГН | 1,1579 | Не | Не |
| | ГТ | 20,808 | Ҳа | Ҳа |
| Мундариҷавӣ | ГН | 1,3990 | Не | Не |
| | ГТ | 14,864 | Ҳа | Ҳа |
| Амалиётӣ | ГН | 1,6589 | Не | Не |
| | ГТ | 17,209 | Ҳа | Ҳа |
| Арзёбишаванда | ГН | 0,5299 | Не | Не |
| | ГТ | 15,495 | Ҳа | Ҳа |
| Ҷамъбастӣ | ГН | 1,1353 | Не | Не |
| Таҷрибаи иҷтимоӣ | ГТ | 16,949 | Ҳа | Ҳа |

Дар натиҷаи корҳои озмоишиву таҷрибавии татбиқнамудае, ки барои татбиқнамоии шароитаҳои педагогӣ дар муассисаиҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ пешниҳод гардиданд, барои ташаккулѐбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагони синфҳои 5-6 муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ дар раванди омӯзиши фанни биология ва фаъолияти беруназсинфӣ мусоидат менамояд. Ташхиси натиҷаҳои бадастомада дар марҳилаи муқарраргардида ва марҳилаи назоратӣ муайян гардид: натиҷаи ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагони гурӯҳи таҷрибавӣ аз рӯйи тамоми меъёрҳо хеле баланд гардид. Далели мазкур дар натиҷаи таҳлили миқдории маълумотҳои аз гурӯҳҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ гирифташуда, тасдиқ гардиданд. Таҳлил бо истифода и меъёри Пирсон ($X^2$) гузарнида мешавад.

Дар марҳилаи назоратии озмоиш қонунияте худро зоҳир намуд, ки ба сатҳи ташаккулёбии хонандагони синфҳои 5-6 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумие, ки ба гурӯҳи таҷрибавӣ шомиланд, таноссуб дорад ва таҷрибаи иҷтимоӣ дар раванди омӯзиши фанни биология ва фаъолияти беруназсинфӣ нисбат ба хонандагони гурӯҳи назоратӣ хеле баланд аст.

Натиҷаҳои ташхис ба мо имкон медиҳад, иброз намоем, ки шароитҳои педагогии муайянамудаи муҳаққиқи диссертатсия ба ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоӣ хонандагон таъсири мусбӣ расонд. Дар ин асос мо ба хулосае омадем:

- ҳамкори эҳтиёткорнаи муаллим бо хонандагоне, ки машғули омӯзиши фанни биолгия ва фаъолияти беруназсинфианд, дар пеши худ мақсад гузоштанд, то ки азхуд намудани арзишҳои иҷтимоӣ барои ҳамкории пурсамар байни одамон, танзимкунандаи раванди муносибат заруранд, барои ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии иштирокчиёни озмоишмусоидаткунанда бошад, зоҳир кардани тавоноии ботинии шахсӣ, таҳиянамоии муносибатҳои иҷтимоии сифатнок, бартарафнамоии монеаҳое, ки дар равнади муносибат бо ҳамсолон ва калонсолон сар мезанад.

Дар вақти суҳбат бо хонандагоне, ки шомили гурӯҳи таҷрибавианд, мо дар системаи арзишҳои иҷтимоии онҳо, инчунин ҳавасмандии баланд барои иштироки шахсӣ дар фаъолияти дорои моҳияти муҳими иҷтимоидошта, бартариятеро муайян намудем. Чунин хонандагон дар муносибат фаъол буданд. Онҳо пайваста барои васеъ намудани давраи муносибати худ кӯшиш менамуданд;

-дар маҷмуи фаъолияти таълимию тарбиявии берунасинфии хонандагон, фаъолияти тамоюли иҷтимоидор, барномаи «Бо ҳам –беҳтар!» ворид карда шуд, ки ин дониши хонандагоне, ки фанни биологиро меомӯзанд, арзишҳои иҷтимои асосиро, нақшҳоро, меъёри одобу рафтори дар ҷомае қабулшударо, ба хонандагон синфҳои 5-6 методи муносибатро ёд доданд, дар онҳо маҳорати иртиботиро инкишоф доданд, қобилияти дар коллектив кор карданро амиқ менамоянд, имкон дод;

- дарк намудани хонандагон муҳиммияти муносибат ба худ, ҳамчун субъекте, ки ба фаъолияти берунасинфӣ машғуланд, барои дар наврасон ташаккул додани малакаи рефлексивӣ имкон дод, ки барои штироки онҳо дар фаъолияти муҳимми иҷтимоӣ ва бо мақсади худ ёрӣ мерасонад. Хонандагон тавассути рефлексия дар бораи натиҷаи фаъолияти худ фикр карданро ёд мегиранд ва онро объективона арзёбӣ менамоянд.

Масалан, дар марҳилаи назоратии кори таҳқиқотии мо тағйирёбии мусбии малакаи рефлексивии хонандагони синфҳои 5-6 гурӯҳи таҷрибавиро дар дарсҳои фанни биология нишон дод. Дар қиёс бо марҳилаи назоратӣ шумораи иштирокчиёни гурӯҳи таҷрибавӣ, ки ҳамчун дорои сатҳи баланди ташаккулёбии рефлексӣ дар марҳилаи мазкур хисобида мешуд, ба 22, 4% баланд гардид.

Иловатан, бояд тазаккур дод, ки ташхиси такрорӣ бо истифода методи Будасси «Худбаҳодиҳии шахсият» дар гурӯҳии таҷрибавӣ гузаронидашуда, афзоиши шумораи хонандагони ба худбаҳодиҳии айнанро 24,4% муайян кард.

Корҳои дар қисмати таҷрибавии таҳқиқоти мо татбиқшуда, имкон дод, ки хулосаҳои илмии зерин бароварда шавад:

1. Дар марҳилаи озмоишии мазкур барои муайян намудани сатҳи ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагони синфҳои 5-6 муассисаҳои таҳилоти миёнаи умумӣ асбобу анҷоми ташхисии махсус истифода гардид, ки ба туфайли он мо таҷрибаи иҷтимоии хонандагони ҳамн гурӯҳи синнусолӣ ба омӯзиши фанни биология машғуланд, ба андозаи кофӣ ташаккул наёфтаанд, муайян кардем.

2. Марҳилаи ташаккулёбии кори озмоишӣ дар назди худ мақсад гузошт, ки шароитҳои педагогии пешниҳод намудам муҳаққиқи диссертатсия барои ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимои наврасони ба омӯзиши фанни биология ва фаъолияти берунасинфӣ машғуланд, мансуб аст. Натиҷаҳои ин марҳила аз он далолат менамояд, ки барои самаранок ташаккулёбии таҷрибаи иҷтимоии хонандагон се шароити педагогии асослозим аст:

- ташкили ҳамкории муаллим бо хонандагон дар асоси принсипи фасилитатсия дар холати ташкили фаъолияти таълимиву тарбиявӣ дар

раванди таълими фанни биология. Максад аз ин ҳамкорӣ дар он аст, ки арзишҳои азхудкардаи хонандагон барои ба низом даровардани намудҳои мухталифи иртибот дар мавриди муносибат бо одамони дигар ёрӣ мерасонад;

- ташкили корҳои таълимиву тарбиявӣ дар дарсҳои фанни биология ва фаъолияти беруназсинфии тамоюли иҷтимоидошта, тавассути ворид намудани барномаи«Бо ҳам –беҳтар!» дар ин раванд;

- дар хонандагоне, ки ба омӯзиши фанни биология машғуланд, рушди инкишоф ба шахсияти худ, хамчун субъекти махсуси фаъолияти беруназсинфӣ.

3. Марҳилаи назоратии озмоиш ҷараёни мусбии ташаккулёбии таҷрибат иҷтимоии хонандагони синфҳои 5-6 гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро дар раванди таълими фанни биология ва фаъолияти беруназсинфӣ муайян намуд, ки ин ба самаранокии шароитҳои педагогии интихобнамудаи муаллифи диссертатсия вобаста аст.

Дар гурӯҳи озмоишӣ шумораи хонандагони дорои сатҳи пасти таҷрибаи иҷтимоӣ ба 16,9 % камтар гардид. Ҳамин тавр, низ шумораи хонандагони дорои сатҳи минаи таҷрибаи иҷтимоӣ ба 7,3 % кам гардид. Аз ҳама афзоиши зиёд дар сатҳи баланд (ба 24,9 %) ба амал омад, яъне хонандагони ташаккулёфтаи тачрибаи иҷтимоӣ то ду баробар бештар гардид. Дар гурӯҳи назоратӣ тағйирёьии андаки нишондоди мазкур муайян гардид.

Эътимоднокии натиҷаҳои дар раванди озмоиш бадастомадаро мо тавасути истифодаи коркарди оморӣ ва истифодаи меъёри Пирсон гузаронидем. Маълумотҳои математикии бо ҳамин восита гирифташуда, аз он ишора менамоянд, ки самаранокии шароитҳои педагогии дар раванди кори таҳқиқотии мо истифодашуда, маълум гардид. Инро фарзияҳои пешниҳоднамудаи муҳаққиқ тасдиқ менамояд.

## ХУЛОСА

Дар хотимаи диссертатсия хулосаҳои дар асоси натиҷаҳои бадастомадае, ки дар ташкили корҳои таълимиву тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва дар марказҳои такмили ихтисоси муаллимон мумкин аст истифода шавад, пешниҳод гардидааст.

Дар асоси натиҷаҳои умумии корҳои таҷрибавӣ ва озмоишӣ хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст:

Кори тадқиқотии мазкур ба вазифаҳои илмие, ки дар рафти озмоиш ба миён гузошта шудаанд, ҷавоб дода, асосҳои назариявии зарурирo барои ташаккули таҷрибаи иҷтимоии хонандагони синфҳои 5-6-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар рафти корҳои дарсӣ ва беруназсинфӣ аз фанни биология муайян карданд. модели педагогии пешниҳодкардаи муаллифи рисола, маҷмӯи шартҳои педагогӣ, ки самаранокии кори тарбиявиро дар самти интихобшуда зиёд мекунанд.

Ҳамин тариқ, дар ҷараёни фаъолияти озмоишӣ мо тавонистем вазифаҳои зеринро ҳал кунем:

1. Дар мафҳуми «таҷрибаи иҷтимоӣ» ошкор сохтани моҳият ва сохтор, инчунин маҷмӯи меъёрҳое, ки барои муайян кардани сатҳи инкишофи таҷрибаи иҷтимоии мактаббачагони синну соли мавриди омӯзиш дар раванди дарсҳо ва корҳои беруназсинфӣ заруранд.

Пеш аз хама, худи мафхуми "тачрибаи иҷтимоӣ", ки нисбат ба талабагони муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ баррасӣ мешавад, аниқ карда шуд. Дар сохтори таҷрибаи иҷтимоӣ мо маҷмӯи ҷузъҳои зеринро муайян кардем:

- аксиологӣ. Он самтҳои арзишии донишҷӯро муайян мекунад, ки ба ташаккули шаклҳои рафтори иҷтимоии ӯ нигаронида шудааст;

- маърифатӣ. Ин маҷмӯаи тсаввуротҳо, донишҳо, арзишҳои воқеияти иҷтимоӣ, қоидаҳои рафтор дар ҷомеа, меъёрҳои ҳамкорӣ дар коллектив мебошад;

- фаъолиятӣ. Малака ва маҳоратҳои ба иҷтимоиёт нигаронидашуда, ки дар дарсҳои биология бо мақсади аз худ намудани таҷрибаи муайяни фаъолияти муштарак дар коллектив амалӣ карда мешаванд ва фаъолияти амалии дорои аҳамияти бузурги иҷтимоиро ифода мекунанд;

- рефлексивӣ. Дар қобилиятҳои ташаккулёфтаи рефлексивии хонандаи таҳсилоти миёнаи умумӣ барои фаҳмидани таҷрибаи ҳамкории иҷтимоӣ, ки дар раванди таълим ба даст омадааст ва иштироки шахсӣ дар фаъолияти истеҳсолии дорои хусусияти гуногун ташаккул меёбад.

Ин ҷузъҳо бо ҳам зич алоқаманданд. Сатҳи ташаккули онҳо бо маҷмӯи меъёрҳо муайян карда мешавад: баҳодиҳӣ, мундариҷавӣ, ҳавасмандӣ-арзишӣ, амалиётӣ.

2. Вазифаи навбатӣ муайян намудани имкониятхои раванди ташаккули таҷрибаи иҷтимоии талабагон хангоми дарси биология ва дар машғулиятхои беруназсинфӣ вобаста ба ин фан буд. Он тавассути таҳлили муқаррароти назариявӣ, ки маълумоти ибтидоии кори тадқиқотии мо гардиданд, ҳал карда шуд.

Мо ба хулосае омадем, ки кори беруназсинфӣ ин фаъолиятҳои таълимие мебошад, ки дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ғайр аз дарсҳои асосӣ бо мақсади таълими насли наврас ва дар ҷомеа иҷтимоӣ гардонидани онҳо ташкил карда мешавад. Илова бар ин, корҳои беруназсинфӣ ба он нигаронида шудааст, ки дар хонандагон зарурати иштироки шахсӣ дар чорабиниҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятнок инкишоф дода шавад. Имконияти дарсҳои биология ва корҳои беруназсинфии хонандагон, ки дар самти ин фан ташкил карда шудаанд, дар инҳо ошкор карда мешаванд: ташаккули таҷрибаи иҷтимоии хонандагони синфҳои 5-6-и муассисаҳои ҳои таҳсилоти умумӣ ҳангоми дарси биология ва корҳои беруназсинфӣ вобаста ба омухтани ин фан дар сурати истифода бурдани тамоми шаклу усулхои маҷмуие, ки мустакилияти хонандагонро дар интихоби самти фаъолияти онхо мувофиқи манфиатҳои шахсии худ таъмин мекунанд, самаранок мегардад; бо ҳамсинфон, ҳамсолон муоширати баландсифатро ташкил намуда, барои фаъолона иштирок кардан дар шаклҳои гуногуни муносибатҳои иҷтимоӣ, азхуд кардани нақшҳои нави иҷтимоӣ кӯмак мерасонанд.

Марҳилаҳои ташаккули таҷрибаи иҷтимоӣ пайдарпайии раванди

омӯхташавандаро дар дарсҳои биология ва дар корҳои берунасинфӣ муайян мекунанд.

3. Барои ҳалли вазифаи навбатӣ, вазифаи сеюм, бояд амсилаи педагогии иборат аз бахшои алоҳида таъсис дода шавад ва дар рафти дарсҳои биология ва чорабиниҳои беруназсинфӣ дар ин самт татбиқ карда шавад. Дар бахши мақсадноки амсила мақсад ва вазифаҳое, ки ҳангоми дарси биология ва кори беруназсинфӣ барои ташаккули самараноки таҷрибаи иҷтимоии мактаббачагон нишон дода шуда, бояд ҳал карда шаванд. Бахши методӣ ба муаллим равишҳои гуногуни ташкили кор оид ба ташаккули таҷрибаи иҷтимоии наврасонро пешниҳод карда, принсипҳои татбиқи ин фаъолиятро тавсиф мекунад. Бахши мундариҷавӣ моҳияти ҷузъҳои алоҳидаи ташаккули таҷрибаи иҷтимоиро дар хонандагони муассисаҳои таҳсилотимиёнаи умумӣ шарҳ медиҳад. Бахши равандюкӣ асоснокии назариявии дурустии истифодаи марҳалахои ташаккули таҷрибаи иҷтимоии мактаббачагонро хангоми дарсхои биология ва дар машғулиятҳои беруназсинфӣ таъмин менамояд. Бахши ташхисӣ интихоби воситаҳои заруриро барои арзёбии динамикаи тағйироти ҷузъҳои алоҳидаи сатҳи иҷтимоӣ дар байни талабагоне, ки бо омӯзиши фанни биология ва фаъолияти беруназсинфӣ дар ин самт машғуланд машғуланд, муайян мекунад.

4. Вазифаи чорум аз иҷрои шароитҳои педагогии пешниходкардаи муаллифи рисола иборат аст, ки барои ташаккули таҷрибаи иҷтимоии мактаббачагони муассисахои таҳсилоти миѐнаи умумӣ дар раванди дарс ва машғулиятҳои беруназсинфии вобаста ба фанни биология заруранд. Татбиқи ин шароитҳо дар марҳилаи ташаккулдиҳандаи таҳқиқоти мо сурат гирифт.

Шароити якуми педагогӣ: ташкили ҳамкории педагогии омӯзгор ва хонандагон аз рӯи принсипҳои мусоидат дар ташкили фаъолияти таълимӣ дар дарси биология. Шароити дуюми педагогӣ дар барномаи муаллифии «Бо ҳам - беҳтар!» рушди худро пайдо кардааст.

Барномаи мазкур зарурати иштироки мактаббачагон дар фаъолиятҳои иҷтимоии шаклҳои гуногунро дар дарсҳои биология ва корҳои беруназсинфӣ амалӣ намуд. Барнома шаш бахши мақсаднокро дар бар гирифт, аз ҷумла: «Муқаддима», «Асосҳои рафтор», «Санъати фаъолият», «Қоидаҳои муошират», «Таҷрибаҳои иҷтимоӣ», бахши ниҳоӣ.

Шароити сеюми педагогӣ ба таври зайл ифода ёфтааст: ташаккули муносибати хонандагони ба омузиши фанни «Биология» машғулбуда ба шахсияти худ ҳамчун субъекти мухими корҳои беруназсинфӣ. Татбиқи он ба ҷалби хонандагони синфҳои 5-6-уми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба фаъолияти рефлексивӣ дар шаклҳои шифоҳӣ, хаттӣ, дарсҳо дар гурӯҳҳо ва кори инфиродӣ нигаронида шудааст.

Дар натиҷа, дар мактаббачагон рефлексия ташаккул ёфт, ки барои иштирок дар фаъолияти созанда, шахсан муҳим, дарк кардани рафтор, амал, баҳои объективии онҳо ҳангоми дарсҳои фанни биология ва дар корҳои беруназсинфӣ заруранд.

Натиҷахои ташхиси ҷамъбастӣ имкон дод, ки фарқи нишондиҳандаҳои ду гуруҳи хонандагони дар озмоиш иштироккарда

муайян карда шавад. Нишондиҳандаҳои муқарраршуда ба мо имкон доданд, ки дар бораи самаранокии шароитҳои педагогии пешниҳодкардаи муаллифи диссертатсия хулоса барем.

Ҳамин тавр, бар асоси таҳқиқот метавон изҳор кард, ки амсилаи педагогии муаллифӣ, ки ба ташаккули таҷрибаи иҷтимоии хонандагони синфҳои 5-6-и муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ дар ҷараѐни дарс ва машғулиятҳои берунaзсинфӣ аз фанни биология нигаронида шудааст, самаранокии худро дар шароитхои педагоги нишондодашуда собит кардааст. Фарзияе, ки дар ибтидои озмоиш ба миён гузошта шуда буд, тасдиқ гардид. Ҳамаи вазифаҳое, ки дар марҳалаи якуми кори мо ба миён гузошта шуда буданд, пурра ҳал карда шуданд.

**Тавсияҳо барои истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар амал:**

1) Асоси барномаи таълим дар доираи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ барои ташаккули таҷрибаи иҷтимоии хонандагон бояд ташкили тарзи махсуси ҳаёти мактабӣ дар заминаи ахлоқ, анъанаҳои фарҳангӣ ва меъёрҳои рафтори ба ҷамъият хос бошад. Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии муосир муҳити иҷтимоиеро ба вучуд овардан лозим аст, ки намудҳои гуногуни фаъолияти ба таълиму тарбияи хонандагон мусоидаткунандаро ба ҳам муттаҳид созад.

Ҳадафи ин барнома бояд тарбияи маънавӣ ва ахлоқии хонандагони синни наврасӣ, ташаккули таҷрибаи мутобиқшавии бомуваффақияти онҳо дар ҷомеа ва огоҳӣ аз арзишҳои фарҳанги миллӣ бошад.

2) Вазифаи асосии ташаккули таҷрибаи иҷтимоии наврасони ин синну сол ҳангоми таълим бояд дастгирии педагогии шахс ҳамчун шаҳрванди баландмаърифати Тоҷикистон, дар кори ҷамъиятӣ фаъол, барои тақдири Ватан масъул ва баояндаи дурахшони кишвар эътимод дошта бошад, арзишҳои миллиро дарк намуда, дар рушди онҳо саҳм гузорад.

3) Ташаккули таҷрибаи иҷтимоӣ дар байни хонандагон зарурати фароҳам овардани шароити зеринро талаб мекунад:

а) Ташаккули арзишҳои фарҳангии шахсият:

- рушди маънавии наврасон, ошкор намудани неруи эҷодии онҳо тавассути иштирок дар фаъолияти фоиданоки иҷтимоӣ, аз ҷумла эҷодӣ, бозӣ, тарбиявӣ, иҷтимоӣ, фаннӣ-истехсолӣ. Дар шахсияти таҳким бахшидани арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ дар асоси принсип ва меъёрҳои ахлоқӣ, салоҳиятҳои маънавӣ, худомӯзӣ ва худтаълимӣ имконпазир аст;

- таҳкими ахлоқ бо роҳи аз худ намудани донишҳо оид ба анъанаҳои халқҳои тоҷик, озодии ирода, муносибатҳои ботинӣ, ҳавасмандии дар шуури шахс ташаккулёфта бо тамаркуз ба виҷдон ва шаъну шараф;

- ташаккули худшиносии наврас, ки уҳдадориҳои шахсии ахлоқиро аниқ муайян карда, амалҳои худро назорат карда метавонад;

- ташкили раванди таълим ва фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ аз нуқтаи назари ахлоқӣ;

- азхуд намудани арзиш ва анъанаҳои асосии халқи тоҷик;

- ташаккули ахлоқ, яъне дарки зарурати танзими рафтори худ бо дарназардошти манфиатҳои ҷомеа, ҳамсинфон ва одамони дигар бо тамаркуз ба адолат, ғояҳои барои шаҳрванд нолозим;

- таҳкими худбаҳодиҳии наврас, ташаккули некбинӣ ба зиндагӣ,

муносибати мусбат ба худ ва дигар аъзои ҷомеаи атроф;

- ҳавасмандӣ барои қабули қарорҳои мустақил, майл ба амал, изҳори мавқеи худ, ҳимояи он, муносибати интиқодӣ ба масъалаҳои арзёбии фаъолияти худ;

- ташаккули мехнатдустӣ, мақсаднокӣ, талаботи эстетикӣ;

- ташаккули шавқу ҳавас вобаста ба интихоби касби оянда, дарки ахамияти интихоби касб барои хаёти оянда, ки барои он дар давраи таҳсил дар мактаб зоҳир кардани муносибати эҷодкорона ба фаъолияти иҷтимоӣ ва меҳнатӣ зарур аст;

- дарки масъулият барои саломатӣ ва ҳаёти худ, зарурати қадри имкон муқовимат кардан ба таҳдидҳо ба амнияти шахсӣ;

- ташаккули тарзи ҳаёти солим, фарҳанги экологӣ.

б) Ташаккули меъёрҳо, қоидаҳо, арзишҳои фарҳанги иҷтимоӣ:

- ташаккули ватандӯстӣ, шаҳрвандӣ, маҳорати ташкилотчигӣ, ҳавасмандӣ ба муошират бо омӯзгорон, ҳамсинфон, шахсони дигар дар ҳалли масъалаҳои барои ҷомеа муҳимтарин дар асоси донишу малакаи дар муассисаи таълимӣ гирифта;

- таҳкими арзишҳои миллӣ, ғамхорӣ дар бораи рушди кишвар, масъулияти шахсӣ барои сарнавишти Тоҷикистон;

- ташаккули шахсияти шахсӣ, аз ҷумла ҳувияти ҳудудӣ ва фарҳангии халқи тоҷик, ҳувият ба узви оила, иттиҳодияи донишҷӯён;

– ташаккули малакаи аз худ намудани таҷрибаи ичтимоӣ, дарки шахсии арзишҳои зиндагӣ, афзалиятҳо, самти рафтори худ ва амалияи мавҷудаи муносибатҳои иҷтимоӣ, муносибат бо намояндагони дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ;

-ташаккули салоҳиятҳои асосие, ки дар ҷомеа барои мутобиқшавии бомуваффақияти наврасон дар ҷомеа заруранд;

- таҳкими муносибати мусбат ба мақомоти давлатӣ, вилоятӣ ва шаҳрӣ, иттиҳодияҳои шаҳрвандӣ, гурӯҳҳои одамон ва шахсони алоҳида;

- андӯхтани таҷрибаи ёрии ҳамдигарӣ, ташаккули муносибати некӯкорӣ нисбат ба ҳамсолон, калонсолон, хурдсолон, ҳамдардӣ нисбат ба одамони дигар;

- қабули арзишҳои инсондӯстонаи ҷомеа, принсипҳои демократии бунёди давлат;

- ташаккули эҳтиром ба ақидаҳои мардум, анъана ва фарҳанги онҳо;

- ташаккули эҳтиром ба дин, дарки аҳамияти он барои давлат, халқҳои Тоҷикистон, нақши анъанаҳои динӣ барои устувории ҳаёти ҷамъиятию сиёсии кишвар.

в) Ташаккули фарҳанги оилавӣ:

- эҳтироми бошуурона ба оила, муносибатҳои оилавӣ, волидайн, хоҳиши некхоҳӣ, ғамхорӣ дар бораи хурдсол, дастгирии насли калонсол;

- эътирофи аҳамияти оила барои ҷомеа ва ҳар як шахс;

- қабули арзишҳои хоси муносибатҳои оилавӣ;

- ташаккул додани таҷрибаи нигоҳубини хешовандон, оила;

- донистани анъанаҳои оилавӣ, ҳам шахсӣ ва ҳам ҷомеаи тоҷикон.

4) Барои наврасон фаъолияти асосӣ фаъолиятҳои фоиданоки иҷтимоӣ мебошад, ки ба ташаккули амсилаи рафтори ӯ бо ҳамсолон ва калонсолон

бевосита таъсир мерасонад.

Ба корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ ҷалб намудани наврасон онҳоро ба корҳое водор менамояд, ки боиси манфиати одамон, ҷамъият ва оила мегардад. Ҳамин тариқ, дар хонандагон талабот ба эътирофи иҷтимоӣ рушд меёбад.

Дар давраи наврасӣ муошират бо ҳамсолон бояд ҳамчун як намуди махсуси фаъолият, ки ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти мустақилонаи кӯдак буда, ба рушди ӯ ҳамчун мавҷудияти иҷтимоӣ мусоидат мекунад, ҷудо карда шавад.

Тавассути муошират наврасон худро тасдиқ карда, дар баробари ин, онҳо ҳамзамон мехоҳанд «мисли ҳама бошанд» ва бо кадом роҳе аз дигарон фарқ кунанд ва эътирофи ҳамсолони худро пайдо кунанд.

5) Барои ташаккули таҷрибаи иҷтимоӣ дар байни мактаббачагоне, ки фанни «Биология»-ро меомӯзанд ва бо фаъолиятҳои берунаზсинфӣ дар ин самт машғуланд, вазифаҳои зеринро ҳал кардан лозим аст:

- васеъ намудани тасаввуроти мактаббачагон дар бораи арзишҳои иҷтимоӣ, нақшҳо, меъёрҳои рафтори дар ҷомеа қабулшуда;
- такмили малакаи муошират хонандагон, шаклу усулхои муошират;
- ба наврасон омӯзонидани тақсими масъулият дар гуруҳ, иҷрои нақши мушаххас;
- ташаккул додани кобилияти ташкилотчигии хонандагон;
- рушд додани малакаҳои рефлексионии хонандагон;
- ба хонандагон омӯзонидани пешбурди мубоҳиса, пешгирии ҳолатҳои мунокишавӣ, пайдо кардани роҳи муносиби баромадан аз мунокишаҳо.

Дар хотима бояд гуфт, ки таҳқиқоти диссертатсионии мо хамаи проблемахои ташаккули таҷрибаи иҷтимоиро дар мактаббачагон дар рафти дарс ва машғулиятҳои берунаზсинфӣ аз фанни биология фаро гирифта наметавонад. Вай танҳо пешниҳод мекунад, ки яке аз мушкилотро бо тарзе, ки дар таҳқиқоти мобаррасӣ шудааст, ҳал кунад.

Дар оянда таҳқиқоти мо метавонад барои ташкили тадкиқотҳои наве, ки мавзуи ташаккули тачрибаи иҷтимоиро нисбат ба кӯдакон, наврасон ва ҷавонон рушд медиҳад, истифода шавад. Масалан, мавзуи нав метавонад ташаккули таҷрибаи иҷтимоӣ дар байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ё масъалаҳои иҷтимоии наврасон дар мактабҳои варзишӣ бошад. Таҳқиқоти мазкур ба корҳои минбаъдаро дар самти омӯзиши амиқи проблемаҳое, ки бо ташаккули тачрибаи иҷтимоии насли наврас алокаманданд, замина мегузорад.

## МУҲТАВОИ АСОСӢ ВА НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТИ ДИССЕРТАСИОНӢ ДАР ИНТИШОРОТИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ ИНЪИКОС ЁФТААНД:

**А) Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М] Каримзода М.Б., Нажмидинова Г.М. Омил ва шароитҳои педагогии ташаккули таҷрибаи иҷтимоии наврасон дар раванди дарсҳо ва машғулиятҳои беруназсинфӣ аз биология / Г.М. Нажмидинова // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2023, 2(42). - С. 25-132. ISSN 2617-5620.

[2-М] Нажмидинова Г.М. Ташаккули таҷрибаи иҷтимоии хонандагон ҳамчун проблемаи педагогикаи муосири миллӣ [Текст] / Г.М. Нажмидинова // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2023, №3(43).- С.139-145. ISSN 2617-5620 (бо заб. русӣ).

[3-М] Нажмидинова Г.М. Нақши пешбари худшиносӣ дар ташаккули таҷрибаи иҷтимоӣ дар давраи наврасӣ [Текст] / Г.М. Нажмидинова // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – Душанбе, 2023, №3. - С. 131-136. ISSN 2074-1847 (бо заб. русӣ).

**Б) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои дигар ба чоп расидаанд:**

[4-М] Нажмидинова Г.М. Ташаккули таҷрибаи иҷтимоии хонандагон ҳамчун мушкилоти муосири педагогӣ // Маводи Конференсияи умумидонишгоҳии илмӣ- амалӣ дар мавзуи “Технологияҳои инноватсионӣ дар системаи тахсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъият ва дурнамо” – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 27 сентябри соли 2023. – Душанбе, 2023. – С. 73-77.

[5-М] Нажмидинова Г.М. Роҳҳои ташаккули асосҳои маҳорати педагогӣ / Г. М. Наджмиддинова / / Маводи конфронси илмӣ-назариявии умумидонишгоҳӣ дар мавзуи "Саҳми профессор Шарипов Ф.Ф. дар рушди технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон" // Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 24 ноябри соли 2021. - Душанбе, 2021. – С. 11-17.

[6-М] Нажмидинова Г. М. Таълимоти педагогии Насриддин Тусӣ дар бораи тарбия дар китоби "Ахлоқи Носирӣ" ва дигар асарҳо / Маводи конфронси илмӣ-назариявии умумидонишгоҳӣ дар мавзуи "Саҳми Шарипов Ф.Ф. дар рушди технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон" // Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 24 ноябри соли 2021. - Душанбе, 2021. – С. 129-137.

[7-М] Нажмидинова Г.М. Ташаккули таҷрибаи иҷтимоии хонандагон ҳамчун проблемаи педагогикаи муосир [Матн] / Г.М. Нажмидинова // National science, май, 2023 (Международный научный журнал). – Казахстан, Алматы, май, 2023. - С. 50-56. ISSN 2709-1201 (бо заб. русӣ).

[8-М] Нажмидинова Г.М. Саҳми академик Маҳмадулло Лутфуллозода дар илми педагогикаи ватанӣ / Г.М. Нажмидинова // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Истиқлолияти давлатӣ ва эҳёи педагогикаи миллӣ" // ДМТ, 5 майи соли 2021. - Душанбе, 2021. - С 4-11.

# АННОТАЦИЯ

на диссертацию Нажмидиновой Гулноры на тему "Организационно-педагогические условия формирования социального опыта учащихся на уроках и во внеурочных занятиях по биологии" на соискание учѐной степени кандидата педагогических

**Ключевые слова:** организационно-педагогические условия, социальный опыт, внеучебная деятельность, биология, формирование, организационно-педагогическая модель, современная педагогика, теоретико-методологические основы, рефлексия, фасилитация, принцип.

В данной диссертации подвергнуты анализу и исследованию организационно-педагогические условия формирования социального опыта учащихся на уроках и внеурочной деятельности по биологии, в том числе, в первой главе диссертации рассмотрены вопросы теоретических и методологических основ формирования социального опыта учащихся и уроков и внеурочных занятий по биологии в формировании социального опыта учащихся как современная педагогическая проблема. В связи с чем, автором диссертации разработана и предложена организационно-педагогическая модель реализации формирования социального опыта учащихся в процессе уроков и внеурочной деятельности по биологии, апробированная в процессе экспериментальной работы и доказана еѐ эффективность.

Во второй главе диссертационного исследования с целью апробации организационно-педагогической модели формирования социального опыта учащихся в процессе уроков и внеурочной деятельности по биология проведено экспериментальное исследование по диагностике исходного уровня сформированности социального опыта учащихся, апробирована организационно-педагогическая модель реализации формирования социального опыта учащихся в процессе уроков и внеурочной деятельности по биологии, а также апробированы организационно-педагогические условия, способствуюшие формированию социального опыта учащихся на уроках биологии и во внеурочной деятельности в этом направлении.

В заключении диссертационной работы обобщены в виде заключения результаты диссертационного исследования и экспериментальных работ, таким образом, определены организационно-педагогические условия по формированию социального опыта учащихся в процессе уроков и внеурочной деятельности по биологии, в этом контексте представлены выводы и методические рекомендации.

# АННОТАТСИЯ

ба диссертатсияи Нажмидинова Гулнора дар мавзуи “Шароитҳои ташкилӣ-педагогии ташаккули таҷрибаи иҷтимоии хонандагон дар дарс ва машғулиятҳои беруназдарсӣ аз фанни биология” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ

**Калидвожаҳо**: шароити ташкилӣ-педагогӣ, таҷрибаи иҷтимоӣ, машғулияти береназсинфӣ, биология, ташаккул, амсилаи ташкилӣ-педагогӣ, педагогикаи муосир, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, рефлексия, фасилитатсия, принсип.

Дар диссертатсияи мазкур шароитҳои ташкилӣ-педагогии ташаккули таҷрибаи иҷтимоии хонандагон дар дарс ва машғулиятҳои беруназдарсӣ аз фанни биология мавриди омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқ қарор дода шуда, вобаста ба ин дар боби якуми диссертатсия асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули таҷрибаи иҷтимоии хонандагон дар ҷараёни дарсҳои биология ва машғулиятҳои беруназсинфӣ ҳамчун проблемаи педагогикаи муосир ва имконоти фаъолиятҳои таълимӣ ва беруназсинфии ташаккули таҷрибаи иҷтимоии хонандагон дар ин ҷода баррасӣ шудааст. Муаллиф ҷиҳати амалисозии ташаккули таҷрибаи иҷтимоии хонандагон дар раванди дарсҳо ва машғулиятҳои беруназдарсӣ аз фанни биология амсилаи ташкилӣ-педагогиеро коркард ва пешниҳод намудааст, ки дар раванди корҳои озмоишӣ тасвиб шуда, самаранокии он собит карда шудааст.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба тасвиби амсилаи ташкилӣ-педагогии ташаккули таҷрибаи иҷтимоии хонандагон дар раванди дарсҳо ва машғулиятҳои беруназдарсӣ аз фанни биология таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ гузаронида шуда, сатҳи ибтидоии ташаккули таҷрибаи иҷтимоии хонандагон ташхис шуда, шароитҳои педагогие, ки ба ташаккули таҷрибаи иҷтимоии хонандагон дар дарс ва корҳои беруназсинфӣ аз фанни биология нигаронида шудаанд, мавриди озмоиш қарор дода шудаанд.

Дар хотима натиҷагириҳо аз таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ дар шакли хулоса ҷамъбаст гардида, шароитҳои ташкилӣ-педагогӣ ва роҳҳои ташаккули таҷрибаи иҷтимоии хонандагон дар раванди дарсҳо ва машғулиятҳои беруназдарсӣ аз фанни биология муайян карда шуда, дар ин замина хулоса ва тавсияҳои методӣ пешниҳод шудаанд.

## ANNOTATION

for the dissertation of Najmidinova Gulnora on the topic “Organizational and pedagogical conditions for the formation of the social experience of students in the classroom and in extracurricular activities in biology” for the degree of candidate of pedagogical

**Keywords:** organizational and pedagogical conditions, social experience, extracurricular activities, biology, formation, organizational and pedagogical model, modern pedagogy, theoretical and methodological foundations, reflection, facilitation, principle.

This dissertation analyzes and studies the organizational and pedagogical conditions for the formation of students' social experience in the classroom and extracurricular activities in biology, including, in the first chapter of the dissertation, the issues of theoretical and methodological foundations for the formation of students' social experience and lessons and extracurricular activities in biology in the formation social experience of students as a modern pedagogical problem. In this connection, the author of the dissertation developed and proposed an organizational and pedagogical model for the implementation of the formation of the social experience of students in the process of lessons and extracurricular activities in biology, tested in the process of experimental work and proved its effectiveness.

In the second chapter of the dissertation research, in order to test the organizational and pedagogical model of the formation of the social experience of students in the process of lessons and extracurricular activities in biology, an experimental study was carried out to diagnose the initial level of formation of the social experience of students, the organizational and pedagogical model for the implementation of the formation of the social experience of students in the process of lessons and extracurricular activities in biology, as well as tested organizational and pedagogical conditions that contribute to the formation of the social experience of students in biology lessons and in extracurricular activities in this direction.

In the conclusion of the dissertation work, the results of the dissertation research and experimental work are summarized in the form of a conclusion, thus, the organizational and pedagogical conditions for the formation of the social experience of students in the process of lessons and extracurricular activities in biology are determined, in this context, conclusions and methodological recommendations are presented.